بسم الله الرحمن الرحیم

الحمد لله رب العالمین الرحمن الرحیم مالک یوم الدین ایاک نعبد و ایاک نستعین اهدنا الصراط المستقیم صراط الذین انعمت علیهم غیر المغضوب علیهم و لا الضالین

**Номи китоб:** Бо баҳори дилҳо
**Бознависӣ:** Муҳаммадалии Муҳаммадӣ
**Баргардон:** Тоҷиддини Билол
**Мусаҳҳеҳ:** Алӣ Қурбон ва Саломуддини Муҳаммадамин
**Умури иҷроӣ:** Нусратулло Нозилӣ
**Ношир:** Орифон
**Навбати чоп:** аввал-2014

نام کتاب: با بهار دلها
بازنویسی: محمدعلی محمدی
برگردان: تاج الدین بلال

# *Бо баҳори дилҳо*

## *Ошноӣ бо Қуръони Карим ба шеваи пурсишу посух*

*Баргардон:*
*Тоҷиддини Билол*

## Феҳрист


**Пешгуфтор ........................................................................1**

**Қуръон чӣ сифатҳое дорад?...................................................2**

**Сифатҳои Қуръон дар каломи Худо..................................2**
**Сифатҳои Қуръон дар каломи Расули Худо (с).............2**

**Чаро Қуръон комилтарин китоб аст?...................................3**

**Оё Қуръонро метавон ба дигар навиштаҳо муқоиса кард?..............................................................................................3**

**Далели аҳамияти Қуръон чист? ............................................4**

**Арзиши хосси Қуръони Карим дар чист?............................4**

**Чаро мо Қуръонро биёмӯзем? ................................................5**

**Қуръон моро ба куҷо роҳнамоӣ мекунад?...........................5**

**Роҳи расидан ба ин мақом чигуна аст?...............................6**

**Чаро Қуръонро «Каломуллоҳ» номидаанд? .......................6**

**Чаро «Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим» дар оғози сураҳо омадаст?..............................................................................................7**

**Ваҳй .......................................................................................9**

**Ваҳй чист? ..........................................................................9**
**Ваҳй бар чанд навъ аст?....................................................9**
**А) Ваҳйи бевосита.........................................................9**
**Б) Ваҳйи бовосита........................................................10**
**В) Ваҳй аз пушти ҳиҷоб ...............................................10**
**Ҳазрати Ҷабраил барои расонидани ваҳй чигуна пеши Паёмбар (с) меомад? .............................................10**

**Ниёз ба мӯъҷиза...................................................................11**

**Чаро бояд паёмбарон (а) дорои мӯъҷиза бошанд ва чаро Қуръон мӯъҷиза аст? ..................................................11**
**Мубoризаталабии Қуръон ..............................................12**

Чигуна бифаҳмем, ки Қуръон мӯъҷиза аст?..................12
Чаро арабзабонон натавонистанд монанди Қуръон биёваранд?..........................................................................13
Таҳрифнопазирии Қуръон....................................................18
Таҳриф чист ва чаро мегӯянд: «Қуръон ҳаргиз таҳриф нашудааст»? ............................................................18
Оё Қуръони Маҷид дар мавриди таҳрифи Таврот ва Инҷил сухан гуфтааст?............................................................20
Оё Таврот ва Инҷил аз назари таърихӣ бо Таврот ва Инҷили ҳозира, ки дар дасти яҳудиён ва масеҳиён аст фарқ дорад ё не? ......................................................................21
Муҳкам ва муташобеҳ чист ва чӣ фарқе доранд?...........22
Ҳарфҳои муқаттаъа..............................................................24
Чаро дар аввали сураҳои Қуръон монанди "Бақара" ва "Оли Имрон" калимаҳое монанди (алиф.лом.мим) омада аст? Ин калимаҳо чӣ маъно доранд?..................24
Байни Қуръон ва тарҷумаи он, чӣ фарқе аст?..................24
Аввалин бор чӣ касе Қуръонро тарҷума кард?...............25
Тафсири Қуръон .....................................................................25
Чӣ касоне метавонанд Қуръонро тафсир кунанд? ........25
Маънои нузули Қуръон........................................................26
Нозил шудани Қуръон ба чӣ маъност?..............................26
Оё сураҳои Қуръонро Худо нозил карда ё Паёмбар(с) онҳоро овардааст? ..............................................................27
Қуръон чигуна нозил шудааст? ..........................................27
Охирин ояте, ки нозил шуд кадом аст? ............................30
Аввалин сурае, ки нозил шуд кадом сура буд?.................30

**Охирин сурае, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд чист? ......30**

**Сураҳои Қуръон чигуна бар Паёмбар (с) нозил мешуданд?..........................................................................31**

**Оё Қуръон якбора бар Паёмбар (с) нозил шуд ё тадриҷӣ ва оҳиста – оҳиста?...........................................31**

**Чаро Қуръон ба забони арабӣ нозил шуда аст? ..............32**

**Чаро Қуръон нозил шуд? ...........................................................33**

**Сабаби нузул чист? .......................................................................34**

**Ояти 30 сураи Анфол дар бораи чӣ касе ва дар куҷо нозил шуд? ..........................................................................................34**

**Сураҳои маккӣ бо маданӣ чӣ фарқ доранд?......................36**

**Китобҳои осмонӣ чанд то ва кадомҳо ҳастанд?.............37**

**Аввалин нависандаи Қуръон кист? .........................................38**

**Дар ибтидо оятҳои Қуръонро бар чӣ чизҳое менавиштанд?..............................................................................38**

**Оё сураҳои Қуръон ба тартиби нузул аст?.........................39**

**Чаро сураи Ҳамд дар аввали Қуръон омада аст?....40**

**Кай Қуръон ҳаракатгузорӣ шуд? ............................................40**

**Чаро Қуръон мехонем?...............................................................41**

**Қуръон чӣ қадар дар зиндагии дунё ва охирати инсон таъсир дорад? Чанд намуна аз таъсири Қуръон дар зиндагии дунёро бинависед!...................................42**

**Чигуна ба маънои Қуръон бифаҳмем?...............................43**

**Дар мавриди қироати "Ҳафс аз Осим" тавзеҳ диҳед......44**

**Оё тиловат бо қироат фарқ дорад? .......................................45**

**Чаро фазилати бархе аз сураҳо бештар аст?......................45**

Оё аҳодисе, ки дар фазилату хавосси сураҳо ва оятҳои Қуръон омада муътабар аст?....................................46

Бартарини сураҳо аз назари маънавӣ кадоманд?...........46

Хондани кадом сура боиси оромиши рӯҳи мурдагон ва шаҳидон мешавад?..................................................48

Оё дуруст аст Қуръонро барои амвот хатм кунем ва ба маънои он таваҷҷӯҳ накунем? ..................................48

Чаро хондани сураи Фотиҳа бо хатми Қуръон баробар аст?.........................................................................49

Одоби тиловати Қуръон чист? ..................................50

“Тартил” чӣ маъно дорад?.........................................51

Кай ва чӣ қадар Қуръон бихонем? ............................51

Дар бораи хондани Қуръон бо савти зебо бигӯед......52

Оё хондани Қуръон бо сурати тарона ва суруд дуруст аст?.........................................................................53

Беҳтарин вақт барои хондани Қуръон кай ҳаст?............53

Чаро дар аввали баъзе аз сураҳои Қуръони Карим қабл аз Бисмилоҳирраҳмонирраҳим такбир мегӯянд? ..........................................................................53

Чаро қориён дар поёни қироати Қуръон “Садақаллоҳулалиюлазим” ё “Садақаллоҳулазим” мегӯянд? ......................................................................54

Беҳтарин қориёни Қуръон чӣ касоне ҳастанд? ..............55

Беҳтарин тартилро кадом қорӣ хондааст? ....................55

Бо чӣ равише хондани Қуръонро биомӯзем? ..................55

Оё риоят накардани таҷвид ишкол дорад?......................56

Ҳарфҳои ҳалқиро таъриф кунед.......................................57

Идғоми боғунна ва беғунна чист?.............................................58

Чаро бар рӯи бархе аз калимаҳо, ҳарфҳои “ج” ”ح” ”ط”
мегузоранд?..................................................................................59

Сакт дар Қуръон чист ва чигуна онро бихонем?...........60

Аломатҳои * (ситорача) ва хатти болои оят чист?.....61

Чигуна Қуръонро хуб ҳифз кунем?......................................61

Оё шумораи оятҳоро ҳифз кунем? Чигуна?.......................63

Роҳҳои тақвияти ҳофиза (зеҳн) чист то беҳтар
битавонем Қуръонро ҳифз кунем?...................................65
Номҳои теъдоде аз ҳофизони Қуръон дар замони
Расули Акрам(с)-ро бинависед..........................................65

Чаро номи китоби осмонии мо мусулмонон “Қуръон”
аст? Маънои Қуръон чист?......................................................65

Оё Қуръон номи дигаре ҳам дорад?...................................66
Барои даъвати дигарон ба сӯи Қуръон чӣ кунем?.....67

Чигуна бо Қуръон маънус шавем?........................................67

Қуръон чанд оят дорад?.............................................................68

Чаро дар бораи теъдоди оятҳои Қуръон ададҳои
мутафовитеро мегӯянд?.............................................................68

Номи кадом сураҳо ба номи ҳайвонот аст?.........................70

Сурае, ки дар тамоми оятҳояш калимаи “Аллоҳ” омада
аст, кадом аст?................................................................................70

Сурае, ки ба номи  ҳашараест, ки беҳтарин ғазо аз он ба
даст меояд, кадом аст?................................................................70

Чӣ сурае дар бораи асҳоби ямин ва шимол тавзеҳ дода
аст?...................................................................................................71

**Сураеро ном бибаред, ки номи меваест ва Худованд ба он қасам хӯрда аст? ........72**

**Кадом сураи Қуръон ба ғайр аз "Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим" ҳеҷ ҳарфи мим надорад? ........72**

**Кадом сура бар Паёмбар (с) ду бор нозил шуда аст? ........72**

**Сураҳои Ҳомидотро ном бибаред ........72**

**Мусаббиҳот ба чӣ сураҳое гуфта мешавад? ........72**

**"Муаввазатайн" номи чӣ сураҳое аст ва чаро чунин ном доранд? ........73**

**Ҳавомим ба кадом сураҳо гуфта мешавад? ........73**

**Оё дар Қуръон " панҷ қул " вуҷуд дорад? ........73**

**Кадом сура ба номи яке аз усули дин аст? ........74**

**Кадом сура шинosномаи Худованд аст? ........74**

**Кадом сура ду Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим дорад? Дувумаш дар бораи чист? ........74**

**Чӣ сурае ба номи модари Қуръон маъруф аст? ........75**

**Қалби Қуръон кадом сура аст? ........75**

**Аруси Қуръон кадом сура аст? ........76**

**Пешгуфтор**

Қуръон танҳо китоби осмоние аст, ки аз таҳриф ва тағйир дар амон мондааст ва дар авҷи фасоҳат ва балоғат, ҳидояту растагориро навид медиҳад.[1]

Қуръон олитарин маорифи ганҷинаи ғайбиро бо оҳанги рӯҳнавоз ба оламиён ҳадя мекунад.[2]

Қуръон, саршор аз ҳақиқатҳоест, ки одамӣ, ҷуз дар партави ваҳй, аз он насибе надорад. Неъмати бузурге, ки Парвардигори ҳастӣ атои онро бар заминиён миннати бузург[3] ва сababи ҳаёти инсонҳо медонад. [4]

Шуои пурфуруғи Қуръон равшанибахши дунёи торик аст.[5]

Ҷаҳоншумулӣ ва ҷовидонагии Қуръон, талаб мекунад, ки дар ҳамаи замонҳо меҳвари ҳалли мушкилот ва зудояндаи зулмату ҷаҳл ва ҳайрати гумроҳӣ бошад. Пешрафт ва такомули улум аз таровату тозагии он намекоҳад ва меҳварияти паёми осмониро махдуш намесозад.

Ин маҷмӯа посух ба пурсишҳои навҷавонон дар робита бо Қуръони Карим аст.

Аз тамоми афроде, ки дар таҳияи ин маҷмӯа, моро ёрӣ кардаанд, ташкаккур ва қадрдонӣ мекунем.

**Алии Хуросонӣ**

**Масъули маркази "Фарҳанг ва маорифи Қуръон"**

---

1. Исро, ояти 17.
2. Зумар, ояти 55.
3. Оли Имрон, ояти 164.
4. Анфол, ояти 24.

**Қуръон чӣ сифатҳое дорад?**

**Сифатҳои Қуръон дар каломи Худо**

Худои Мутаол дар Қуръон сифатҳои ин китоби ҳидоятгарро ин чунин баён мекунад.

"Ин (Қуръон) баёни (равшан) барои мардум ва ҳидоят ва андарзе барои парҳезкорон аст."[1]

"Китобе аст, ки мардумро аз зулмату торикӣ озод ва ба сӯи нуру рӯшаноӣ роҳнамоӣ мекунад."[2]

"Бо далелҳои равшан сабаби шинохти ҳақ аз ботил мешавад."[3]

"Ҳидоятгарест, ки ба беҳтарин роҳҳо ҳидоят мекунад ва ба мӯъминони некӯкор башорат медиҳад, ки барояшон подоши бузургест."[4]

**Сифатҳои Қуръон дар каломи Расули Худо (с)**

Ҳоло ки аз зулоли ҷории Қуръон сероб шудем, ҳайф аст сифатҳои Қуръонро аз забони Паёмбар (с), ки Қуръон бар Ӯ нозил шудааст, нашунавем.

Паёмбари Аъзам (с) низ дар бораи Қуръон фармудааст:

"Қуръон китобест, ки ҳалли мушкилоти шумо дар он аст, ҳақ ва ботилро ба осонӣ аз ҳам ҷудо мекунад, ресмони маҳками илоҳист, ки боиси иртибот бо Худо мешавад. Донишмандон аз хондан ва тафаккур дар он сер намешаванд ва бо гузашти замонҳо ва қарнҳо кӯҳна намешавад. Ҳар кӣ бо Қуръон сухан бигӯяд, гуфтораш дуруст хоҳад буд... ва ҳар кас мувофиқи он амал кунад, подоши нек меёбад. Ҳар кас мардумро ба

---

1. Оли Имрон, ояти 138
2. Иброҳим, ояти 1.
3. Бақара, ояти 185.
4. Исро, ояти 9.

Қуръон даъват кунад, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят кардааст.”[1]

**Чаро Қуръон комилтарин китоб аст?**

Қуръон китобест, ки Худо фиристодааст, вале дигар китобҳо дастнавиштаи махлуқоти Худо ҳастанд.

**Оё Қуръонро метавон ба дигар навиштаҳо муқоиса кард?**

Чун Қуръон барои ҳамаи замонҳо нозил шуда бо гузашти замон тозагиҳояш бештар ошкор мешавад ва одамӣ, ҳар бор ки Қуръонро бо фикр ва диққат мехонад, матолиби наверо мефаҳмад, ки пеш аз ин, он матолибро дарк накарда буд, дар ҳоле ки бақияи китобҳо ба гунае ҳастанд, ки ба як ё ду бор хондан ҳамаи матолибаш ошкор мешавад ва дигар хонданаш тозагӣ ва ширинӣ надорад.

Китобҳое, ки инсонҳо менависанд ба як ё чанд ҷиҳат аз ниёзҳои башар диққат мекунанд, вале Қуръон баёнгари ҳама чиз аст.[2] Ҳамаи ниёзҳои маънавӣ ва рӯҳии башарро бартараф мекунад ва аз ин ҷиҳат, комилтарин китоб аст. Аз тарафи дигар Қуръон барои ҳамаи инсонҳо нозил шудааст.

*Қуръон ҳаёти равшани дилҳост,*
*Қуръон фуруғи шамъи маҳфилҳост.*
*Дил аз фуруғаш нур мегирад,*
*Ҷон аз паёмаш шур мегирад.*
*Қуръон китоби мактабу оин,*
*Қуръон китоби устувори дин.*
*Амри дилнагезаш сафо дорад,*
*Дарсе зи ихлосу вафо дорад.*

---

[1]. Мустадрак-ул- васоил, ҷ. 4, саҳ. 239.

[2]. Наҳл, ояти 89.

*Қуръон шафеи рӯзи растохез,*
*Аз гавҳари ҳикмат бувад лабрез.*[1]

**Далели аҳамияти Қуръон чист?**

Аҳамияти Қуръон ба хотири аҳамияти фиристандаи он аст, тавзеҳ он ки:

Агар номае аз тарафи дӯсти азизе ба дастамон бирасад барои мо муҳим аст, вале агар номаеро муаллим ва падарамон бароямон бинависад муҳимтар аст.

Ҳоло номае аз тарафи Худованд барои мо фиристода шуда ва оварандаи он нома Паёмбари Акрам (с) аст. Ин нома ҳамаи ончиро дорад, ки барои ҳидояти мо лозим аст ва роҳи расидан ба биҳишт ва саодати абадиро ба мо ёд медиҳад ва ҳамаи роҳҳои шақоват ва бадбахтиро ба мо нишон медиҳад. Аз ин рӯст, ки Қуръон муҳимтарин китоб ва беҳтарин барномаи зиндагӣ аст.

**Арзиши хосси Қуръони Карим дар чист?**

Арзиши хосси Қуръон дар ҳидоятгарии он аст. Бархе аз чизҳое, ки ба назар мерасад барои инсон хеле муҳим аст, иборатанд аз; саломатӣ, дороӣ, доноӣ, оқибатбахайрӣ, зиндагии роҳат ва ғайра. Ин арзишҳо агар доимӣ бошад беҳтар аст ё муваққатӣ ва барои муддати кӯтоҳ? Оё шумо дӯст доред ҳамеша дар саломатӣ, роҳатӣ, озодагӣ ва ғайра ба сар бибаред ё ба таври муваққат ва кутоҳмуддат. Ҷавоб равшан аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чи гузашт, агар китобе шуморо ба роҳатӣ, шодобӣ озодии доимӣ ҳидоят кунад, оё он китоб бароятон муҳим нест?

---

[1]. Ҷаводи Муҳаддисӣ, Баргу бор, саҳ. 238.

Қуръон чунин китобест. Аз ҷониби Худованд барои шумо нур ва китоби равшане омадааст. Худованд ба баракати он касонеро, ки аз хушнудии Ӯ пайравӣ кунанд, ба роҳҳои саломат ҳидоят мекунад. Онҳоро аз торикиҳо ба сӯи нур берун мебарад ва онҳоро ба роҳи рост, роҳнамоӣ менамояд.[1]

*Ҳамоно ин (Қуръон) ба роҳе, ки устувортарини роҳҳост ҳидоят мекунад ва ба мӯъминоне, ки корҳои нек анҷом медиҳанд, башорат медиҳад, ки барои онҳо подоши бузургест.*[2]

**Чаро мо Қуръонро биёмӯзем?**

Ҳатман шумо то ҳозир василаи нав монанди телевизион ё яхдон ё радио ва ғайра харидаед. Агар диққат кунед, мебинед, ки корхонаи созандаи ин васоил, дафтарчае ҳамроҳи он ба харидорон медиҳад, ки ба он дафтарчаи роҳнамо мегӯянд. Дар он дафтарча равиши истифодаи дуруст аз васоил тавзеҳ дода шудааст ва аз мавориди зиёновар ҳушдор дода шудааст.

Худованди меҳрубон низ барои инсонҳо китоби роҳнамое ба воситаи Паёмбараш (с) фиристодааст, ки ҳамаи чизҳое, ки моро ба саодати абадӣ ва биҳишти ҷовидон наздик мекунад ва аз ҷаҳаннам ва оқибати бади он пешгирӣ мекунад дар он омадааст.

**Қуръон моро ба куҷо роҳнамоӣ мекунад?**

Аз назари Қуръони Карим (ояти сиюми сураи Бақара) инсон ҷонишини Худо дар рӯи замин аст ва ин мақом ин қадар боарзиш аст, ки малоика дар он тамаъ доштанд. Бинобар ин мақоми инсон аз малоика

---

[1]. Моида, ояти 15-16.

[2]. Исро, ояти 9.

болотар аст. Албатта бояд шароити ҷонишиниро бишиносад ва ба он амал кунад.

**Роҳи расидан ба ин мақом чигуна аст?**

Аз Қуръони Карим меомӯзем, ки;

бояд танҳо Худои Азизро бипарастем ва намозро ба хотири ёди Ӯ ба по дорем,[1]

ба падару модари худамон некӣ кунем,[2]

ба Паёмбар (с) ва хонадонаш муҳаббат дошта бошем ва аз онҳо итоат кунем,[3]

ба бародарони динии худ кӯмак кунем ва душманони золим ва ёрони мазлум бошем,[4]

бо ҳам меҳрубон бошем,[5]

якдигарро масхара накунем,[6]

ҳамдигарро таъна назанем ва айбҷӯӣ накунем,[7]

бо лақабҳои зишт якдигарро ёд накунем,[8]

ва дастурҳои дигаре, ки ҳамаи инҳо роҳи расидан ба мақоми ҳақиқии инсон аст.

**Чаро Қуръонро «Каломуллоҳ» номидаанд?**

Аз он ҷо, ки Қуръони Карим маҷмӯаи суханони Худованд аст, ки фариштаи ваҳй ҳазрати Ҷабраил (а) барои ҳазрати Муҳаммад (с) овардааст ба он “Каломуллоҳ” яъне суханони Худо номидаанд. Он ҳазрат каломи Худоро барои мардум қироат кардааст ва баъзе аз ёрони Паёмбар (с) он суханонро

---

[1]. Тоҳо, ояти 14.

[2]. Бақара, ояти 83.

[3]. Шуро, ояти 23; Моида, ояти 10.

[4]. Ҳуҷурот, ояти 10.

[5]. Фатҳ, ояти 29.

[6]. Ҳуҷурот, ояти 11.

[7]. Ҳуҷурот, ояти 11.

[8]. Ҳуҷурот, ояти 11.

навиштаанд. Дар Қуръон ва баъзе ривоятҳо низ аз ин китоби илоҳӣ ба унвони "каломи Худо" ёд шудааст.[1]

**Чаро «Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим» дар оғози сураҳо омадаст?**

Ба чанд далел ҳамаи сураҳо ба ғайр аз сураи Тавба бо "Бисмиллоҳ" шурӯъ шудааст, ки се далели онро бароятон менависем;

чунон ки медонед ҳама чиз дар дунё фанопазир ва азбайнрафтанӣ аст, магар он чи ба Худованди меҳрубон иртибот дошта бошад. Бинобар ин барои ҷовидон мондан ва пурбаракат будани ҳар коре лозим аст онро бо номи Худо шурӯъ кунем ва ба ҳамин далел аст, ки Худованд ба ҳазрати Муҳаммад (с) дастур медиҳад, ки дар ибтидои паёмбариаш бо номи Худо корашро оғоз кунад ва аввалин ояте, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд пас аз "Бисмиллоҳ" ин аст, ки «Бихон ба номи Парвардигорат». Паёмбарони дигари илоҳӣ низ корашонро бо номи Худо оғоз мекарданд.[2] Пас барои он ки ҳадафи Қуръон анҷом ва башар ҳидоят шавад, Худованд ба Паёмбараш (с) дастур медиҳад, ки ҳар сураеро "Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон" оғоз кунад.[3]

Ҳамаи сураҳои Қуръон – ба ғайр аз сураи Тавба - бо номи Худованди меҳрубон – оғоз мешавад то инсон огоҳ шавад, ки ҳамаи дастурҳои илоҳӣ ба башарият ба хотири раҳмат ва меҳрубонии Худованд бар инсонҳост. Вале сураи Тавба чун барои эълони безорӣ

---

[1]. Бақара, ояти 75; Тавба, ояти 5.

[2]. Ҳуд, ояти 41; Намл, ояти 30.

[3]. Тафсири Намуна, ҷ.1, саҳ. 13, бо тасарруф ва хулоса.

аз мушрикон ва «марг бар кофирон» нозил шудааст, «Бисмиллоҳ» надорад,[1]

“Бисмиллоҳ” дар аввали ҳар сура баёнгари ин аст, ки сураи қаблӣ ба поён расида ва сураи дигаре оғоз шудааст, ҳол агар ҳар сура бо "Бисмиллоҳ" оғоз намешуд, бисёре аз мардум наметавонистанд бифаҳманд, ки сураи қаблӣ тамом шуда ва сураи наве оғоз шудааст, пас ёдгирӣ ва ҳифзи сураҳо мушкил буд.

---

[1]. Толиқонӣ, Партаве аз Қуръон, ҷ.1, саҳ. 24.

**Ваҳй**

**Ваҳй чист?**

Вақте Худо мехоҳад матлаберо ба паёмбарон бифаҳмонад, аз роҳе, ки барои мо қобили дарк нест паёмашро ба онҳо мерасонад. Дар воқеъ барои дарёфти сухани Худо байни Ӯ ва паёмбаронаш иртиботи маънавӣ эҷод мешавад, ки ба ин иртибот "ваҳй" мегӯянд.[1]

Ваҳй расондани маъно (ва фаҳмондани он) ба касе (паёмбар) аст, ки бояд паёмро дарёфт кунад, ба гунае ки дигарон аз дарёфти он паём оҷиз ва нотавон бошанд».[2]

**Ваҳй бар чанд навъ аст?**

Қабл аз посух ба ин пурсиш беҳтар аст дар маънои ояти 51-и сураи Шӯро диққат кунем. Худои Мутаол мефармояд: Ҳеҷ одаме наметавонад бо Худои худ сухан бигӯяд, магар аз роҳи ваҳй ё аз паси парда ё Худо фиристодае (фариштае) бифиристад, пас ба фармони ӯ он чи хоҳад (ба ӯ) ваҳй кунад, ҳамоно ӯ воло мартаба ва ҳаким аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин оят ваҳй бар се навъ аст;

**А) Ваҳйи бевосита**

Яъне матолиби илоҳӣ бе воситаи фаришта дарёфт мешавад, ки дар ин сурат вақте Паёмбари Акрам (с) мехост ваҳйи илоҳӣ, яъне Қуръонро дарёфт кунад фишору сахтии зиёдеро таҳаммул мекард. Ин сахтӣ ба

---

[1]. Ваҳй дар луғат ба маънои ишораи сареъ мебошад ва он чи дар матн омада, маънои истилоҳии ваҳй аст. Ниг. Ҳусейни Ҷавонороста, Дарсномаи улуми қуръонӣ, бахши дуюм, фасли аввал ва Маърифат, Ат-тамҳид фи улумил Қуръон, ҷ.1, саҳ. 7.

[2]. Ал-мизон, ҷ.12, саҳ. 292.

хотири бузургии ваҳйи илоҳӣ буд. Ҳазрати Муҳаммад (с) бо он ки аз кӯҳ устувортар ва собитқадамтар буд, дар айни ҳол таҳаммул ва дарёфти ваҳйи мустақим барои ӯ тоқатфарсо ва сахт буд.

**Б) Ваҳйи бовосита**

Яъне ваҳй аз ҷониби Худо бо воситаи ҳазрати Ҷабраил (а) ба паёмбарон (а) расонда мешавад. Дар ин сурат ҳазрати Ҷабраил (а) бар ҳазрати Пайғамбар (с) нозил мешуд ва ваҳйи илоҳиро ба он Ҳазрат (с) мерасонд.

**В) Ваҳй аз пушти ҳиҷоб**

Яъне каломи илоҳӣ ба гӯши паёмбарон (а) мерасид, ба гунае ки ба ҷуз онҳо касе намешунид.

Ҳамон тавр ки ҳазрати Мусо (а) ҳангоми интихоб шуданаш ба пайғамбарӣ дар кӯҳи «Тур» ба ҳамин шева каломи Худоро шунид. Бархе ваҳйҳои Худо низ дар олами хоб ба паёмбарони илоҳӣ (а) мерасид.[1]

**Ҳазрати Ҷабраил барои расонидани ваҳй чигуна пеши Паёмбар (с) меомад?**

Ҳазрати Ҷабраил (а) ба ду сурат пеши Расули Худо (с) меомад;

А) Гоҳе Худованди Тавоно, Ҷабраил (а)-ро ба сурати инсоне, тағйири шакл медод. Ӯ ба хидмати Пайғамбар (с) меомад ва ончиро Худованд ваҳй карда буд ба Паёмбар (с) мерасонд. Мутобиқи бархе аз ривоятҳо Ҷабраил (а) гоҳе ба сурати шахсе ба номи «Деҳяи Калбӣ» хидмати Паёмбар (с) меомад.

[1]. Тамҳид, ҷ.1, саҳ. 250-30.

Б) Дар мавориди андаке ҳам Паёмбар (с) Ҷабраил (а)-ро ба сурати аслии худаш медид, ки гуфта шуда дар тамоми муддати нубуввати ҳазрати Муҳаммад (с) танҳо ду бор ҳазрати Ҷабраил (а)-ро ба сурати аслии худаш дидааст.[1]

**Ниёз ба мӯъҷиза**

**Чаро бояд паёмбарон (а) дорои мӯъҷиза бошанд ва чаро Қуръон мӯъҷиза аст?**

Вақте шахсе иддао мекунад, ки аз ҷониби Худованд омадааст, мардум барои ин ки бовар кунанд, ки рост мегӯяд аз ӯ мехоҳанд барои ростгӯии худаш далел биёварад. Паёмбарон (а) дар ҷавоб мегуфтанд: Нишонаи ростгӯии мо ин аст, ки Худованд ба мо тавоне додааст, ки метавонем корҳое кунем, ки ҳеҷ кас наметавонад анҷом диҳад. Масалан ҳазрати Исо (а) мефармуд: Далели ростгӯ будани ман ин аст, ки ба дуо кардан мурдаҳоро зинда мекунам. Ба ин гуна корҳо, ки мардум аз анҷом додани он нотавон ҳастанд, мӯъҷиза мегӯянд.

Паёмбари Аъзам (с) мӯҷизаҳои зиёде доштанд, монанди ду ним кардани моҳ ва баргардондани он ба ҳолати аввалаш, ба меъроҷ рафтан, сухан гуфтани дарахт бо он Ҳазрат ва ҳаракати дарахт ва омаданаш ба назди Паёмбар (с), вале муҳимтарин ва ҷовидонатарини онҳо Қуръони Карим аст. Бо вуҷуди ҷойгоҳ ва аҳамияти Қуръон касе ба суроғи мӯъҷизаҳои дигари Паёмбар (с) намеравад. Чунонки ҳангоми рӯз ситораҳо дар осмон ҳастанд, вале нури Хуршед он қадар зиёд аст, ки ситораҳо дида намешаванд.

---

[1]. Тафсири Намуна, ҷ.20, саҳ. 485-501.

Худованд Қуръонро бар ҳазрати Муҳаммад (с) нозил фармуд то мардум бо шунидани оятҳои илоҳӣ яқин кунанд, ки ҳазрати Муҳаммад (с) аз ҷониби Худованд сухан мегӯяд ва оятҳои Қуръон ба гунае мебошад, ки ҳеҷ кас наметавонад монанди Қуръон биёварад ва ин беҳтарин нишона барои исботи паёмбарии ҳазрати Муҳаммад (с) аст.

**Муборизаталабии Қуръон**

**Чигуна бифаҳмем, ки Қуръон мӯъҷиза аст?**

Чуноне медонед мӯъҷиза ба корҳои паёмбарон (а) ки мардуми оддӣ наметавонанд анҷом диҳанд- гуфта мешавад. Ҳоло мехоҳем бифаҳмем, ки Қуръон мӯъҷиза аст ё не?

Муҳимтарин роҳ ин аст, ки аз мухолифон бихоҳем, ки мисли Қуръон биёранд, агар тавонистанд мефаҳмем Қурон мӯъҷиза нест, вале агар натавонистанд, ки ҳатто як сура монанди Қуръон биёранд мефаҳмем, ки Қуръон мӯъҷиза аст.

Худованд дар ибтидо аз мардум мехоҳад, ки агар метавонанд қуръоне монанди "Қуръони Маҷид", биёранд, вале –чунон ки медонем- ҳеҷ кас натавонистааст чунин кореро то имрӯз бикунад.

Худованд дар ояти дигар аз мардум мехоҳад, ки агар дар ин ки Қуръоне, ки аз ҷониби Худованд нозил шуда шак доранд, фақат даҳ сура монанди Қуръон биёваранд. Дар ояти 13 ва 14-и сураи "Ҳуд" мехонем: "Оё мегӯянд: Ӯ ба дурӯғ ин (Қуръон)-ро (ба Худованд) нисбат медиҳад? Бигӯ: Агар рост мегӯед шумо ҳам даҳ сура аз пеши худатон монанди ин Қуръон биёред ва тамоми касонеро, ки метавонед ғайр аз Худованд, барои ин кор даъват кунед. Пас агар посухи шуморо

надоданд, пас бидонед (Қуръон) танҳо бо илми илоҳӣ нозил шудааст... ."

Агар касе метавонист даҳ сура монанди Қуръон биёварад беҳтар набуд кофирони замони Паёмбар (с) ва кофирони имрӯзӣ, ба ҷои он ки бо мусулмонон ҷанг кунанд ва хунҳои зиёде рехта шавад, даҳ сураи сохтагӣ қобили қабул ва хуб - ки хусусиятҳои Қуръонро дошта бошад - месохтанд ва Паёмбар(с) ва мусулмононро маҳкум мекарданд?

Ҳамчунин Худованд дар ояти 23 -и сураи Бақара аз касоне, ки тардид доранд, ки Қуръон аз тарафи Худованд аст, мехоҳад, танҳо як сура монанди Қуръон биёваранд.

*"Ва агар дар бораи он чи бар бандаи худ (ҳазрати Муҳаммад (с)) нозил кардаем шакку тардид доред, (дасти кам) як сура ҳамонанди он биёваред ва гувоҳони худро ғайр аз Худованд (барои ин кор) фаро хонед, агар рост мегӯед."*

Ҷолиб он аст, ки Худованд дар ояти 24 ҳамин сура ошкоро эълом мекунад, ки мардум, ҳаргиз наметавонанд ҳатто як сура монанди Қуръон биёранд ва ҳамакнун пас аз гузашти беш аз 1400 сол мебинем, ки мӯъҷизаи Қуръон поянда аст ва ҳеҷ кас натавонистааст, ҳатто як сура монанди Қуръон биёварад. Ва ҳамин худ далел бар мӯъҷиза будани Қуръон аст.

**Чаро арабзабонон натавонистанд монанди Қуръон биёваранд?**

Қуръон аз чанд ҷиҳат мӯъҷиза аст, ки бо таваҷҷӯҳ ба ин ҷиҳатҳо касе наметавонад каломе монанди Қуръон биёварад. Ба унвони намуна, яке аз ҷиҳатҳои он мӯъҷизаи адабии Қуръон аст, яъне Қуръон аз назари

зебоӣ ва дилрабоӣ, ба гунае аст, ки ҳеҷ кас, чи араб ва чи ғайриараб наметавонад монанди онро биёваранд. Ҳоло барои ин ки матлаб равшантар шавад мисоле мезанем. Медонед, ки Ҳофизи Шерозӣ яке аз бузургтарин шоирони форс аст, ки беҳтарин ғазалҳоро суруда аст. Агар аз худи Ҳофиз бипурсем, ки чӣ кор кардӣ, ки шеърҳоят ин қадар зебо аст, ки шоири дигар натавонистааст ба зебоии ту бисарояд? Медонед посухи ӯ чист? Мегӯяд:

*«Ҳар чи дорам ҳама аз давлати Қуръон дорам».*

Ва дар шеъри дигаре ба мо насиҳат мекунад, ки агар мехоҳем ба он чи мақсуд ва матлуби мост дастрасӣ пайдо кунем бояд даст ба домони Қуръон бизанем.

*Ишқат расад ба ҷонон, гар худ ба сони Ҳофиз,*
*Қуръон зи бар бихонӣ бо чордаҳ ривоят.*

Агар Ҳофиз бо мурочеа ба Қуръон ва диққат дар нуктаҳои дақиқи он ба ҷое расидааст, ки касе то кунун натавониста ба хубии ғазалҳои ин Ҳофизи Қуръон, ғазал бисарояд, чигуна мумкин аст як нафар, ки арабӣ медонад муъҷиза кунад ва Қуръоне биёварад? В-онгоҳ Қуръон насри маъмулӣ нест то нависандае битавонад насре монанди он бинависад. Чунон ки шеър ҳам нест то шоире битавонад монанди он тақлид кунад ва шеър бисарояд. Балки дорои назми нав аст, ки бо назм ва равиши шинохта шуда дар араб ва ғайри араб фарқ мекунад.

Тамоми он чи навиштем танҳо бо таваҷҷӯҳ ба мӯъҷизаи адабии Қуръон аст, дар ҳоле ки Қуръон аз чандин ҷиҳат мӯъҷиза аст ва фазоили Қуръон он қадар зиёд аст, ки ба ростӣ бояд гуфт:

*Китоби фазли туро, оби баҳр кофӣ нест,*
*Ки тар кунам сари ангушту сафҳа бишморам.*

Посухи бахши дувуми савол ин аст, ки:

Мӯъҷизаи ҳар паёмбаре бо таваҷҷӯҳ бо донишҳо ва маҳорати мардуми ҳамон замон буд. Дар замони ҳазрати Исо (а) дониши пизишкӣ пешрафти зиёде карда буд ва шояд ба ҳамин сабаб буд, ки мӯъҷизаҳои ҳазрати Исо (а) корҳое монанди зинда кардани мурдагон, шифо додани кӯрони модарзод ва ғайра буд.

Дар даврони ҳазрати Мусо (а) мардум ба корҳои ҷодугарӣ, шуъбадабозӣ рӯй оварда буданд ва ба роҳатӣ ташхиси мӯҷиза аз шуъбада ва ҷоду барояшон имконпазир буд. Пас яке аз мӯъҷизаҳои ҳазрати Мусо (а) табдили асо ба аждаҳо буд ва аз аввалин афроде, ки ба ҳақиқӣ будани мӯъҷизаи ҳазрати Мусо (а) пай бурданд, худи соҳирон ва ҷодугарон буданд.

Дар замони ҳазрати Муҳаммад (с) низ дар кишвари Арабистон - ки ба Ҳиҷоз маъруф буд - бозори илму дониш ва адабиёт ривоҷ дошт. Нависандагон ва шоирони забардаст ва зебопардозе зуҳур карда буданд, ки дар офариниши матнҳои адабӣ ва шеърҳои ҷаззоб тавоноии фавқулода доштанд. Дар чунин фазое, ки колои шеъру ҳунар харидорони фаровоне дошт, беҳтарин мӯъҷизаи Паёмбар (с) чӣ чиз метавонист бошад?

Чунон ки медонем ҳазрати Муҳаммад (с) охирин паёмбари илоҳӣ аст. Қуръон мӯҷизаи ҷовидони ҳазрат (с) барои ҳамаи замонҳо, маконҳо ва афрод аст. Дар ғайри ин сурат мумкин буд мардум бигӯянд: Чун мо

мӯъҷизаро надидем ҳаққонияти Паёмбарро қабул надорем.

Пас мӯъҷизааш ҳам бояд ҷовидона бошад то ҳар кас то қиёмат битавонад бо мурочеа ба Қуръон ба ҳаққонияти Ислом пай бибарад ва роҳи баҳонаҷӯӣ баста шавад.

Чаро дар бархе аз мавορид ба назар мерасад оятҳои Қуръон бо ҳам ихтилоф доранд; масалан дар як оят мефармояд: "Вақте мехоҳем бандаҳои мӯъминро озмоиш кунем дороиҳо, дарахтони мева ва авлоди ӯро аз ӯ мегирем" ва дар ояти дигаре мефармояд: "Вақте бандае аз ёди мо ғофил шуд, мо зиндагиро бар ӯ сахт мегирем." Оё ин ду оят бо ҳамдигар ихтилоф надоранд?

Яке аз мӯъҷизаҳои Қуръони Карим ин аст, ки дар оятҳояш ихтилофе вуҷуд надорад, яъне бо он ки оятҳои Қуръон беш аз бист сол дар мавқеиятҳои гуногун бар Паёмбар (с) нозил шудааст, вале ҳеҷ тазод ва мухолифате бо ҳамдигар надорад, чунон ки Худованд мефармояд:

*"Оё дар бораи Қуръон намеандешед, ки агар аз тарафи ғайри Худо буд, ихтилофоти фаровоне дар он меёфтанд."*[1]

Пас агар ба ду оят бархурд кардем ва дар нигоҳи аввал фикр кардем, ки оятҳо бо ҳамдигар таорӯз доранд, бояд аз донишмандон ва рӯҳониёни муҳтарам маънои дақиқи оятҳоро бипурсем то мушкил бартараф шавад. Пас аз муқаддимаи боло посухи пурсишро бо ҳам мехонем:

[1]. Нисо, ояти 82.

Посухи аввал: Зиндагии танг (ва сахт), ки кофирон ва афроди ғофил аз ёди Худо ба он мубтало мешаванд, бо даромади кам, гуруснагӣ ва марги бархе аз хешовандон, ки дар бархе аз маворид хубон ба он дучор мешаванд тафовути зиёде дорад. Ба мисоли зер таваҷҷӯҳ кунед:

Яке аз сарватмандтарин афроди кофирро бо яке аз мӯъминон, ки даромади хеле зиёде ҳам надорад муқоиса мекунем ва мебинем зиндагии кадом як тангтар ва нороҳаткунандатар аст.

1- Фарди мӯъмин аз чизе наметарсад ва нороҳатӣ надорад, чун Худоро пуштибони худаш медонад, вале сарватманди кофир аз ҳама кас ва ҳама чиз метарсад, чун фикр мекунад, мехоҳанд дороии ӯро аз ӯ бигиранд ё ӯро терор кунанд в ғ. пас ҳамеша нороҳат аст.

2- Мӯъмин аз марг воҳимае надорад, чун биҳишт дар интизори ӯст, вале кофир аз марг бимнок аст, чун ҳама чизашро пас аз мурданаш аз даст рафта мебинад.

3- Мӯъмин оромиш дорад, чун такягоҳаш Худованд аст, вале кофир ҳамеша дар нигаронӣ ва изтироб ба сар мебарад ва хулоса ин ки ҳарчанд фарди мӯъмин пули зиёде надорад, зиндагии ширине дорад, вале кофир ҳарчанд пули зиёде дорад зиндагиаш талху танг аст.

Пас ояти 124 сураи Тоҳо –ки мефармояд: Ҳар кас аз зикри ман рӯй гардонад зиндагиаш танг шавад (ва сахтӣ хоҳад дошт), - бо ояти 155 сураи Бақара– ки мефармояд: Мо шуморо бо тарс, гуруснагӣ, коҳиши доройӣ ва ҷонҳо озмоиш мекунем, мунофоте вуҷуд надорад, чун мӯъмин ҳамеша оромиш дорад, аммо

фарди ғофил аз ёди Худо, ҳамеша дар нороҳатӣ ва азоб аст, ҳарчанд сарватманд ва солим бошад.

Посухи дуюм: Беморӣ ва фақр, агар имтиҳоне аз тарафи Худованд бошад ва инсон аз имтиҳони илоҳӣ сарбаланд берун ояд хуб аст, чунон ки доройӣ ва саломатӣ, агар боиси дурӣ аз ёди Худо шавад бад аст. Ҳар ҷо сахтӣ ва мушкилот мӯҷиби наздик шудани инсон ба Худо шавад хуб аст ва агар сабаб шавад инсон аз Худованд дур шавад нописанд мебошад.[1]

**Таҳрифнопазирии Қуръон**

Таҳриф чист ва чаро мегӯянд: «Қуръон ҳаргиз таҳриф нашудааст»?

Таҳриф ба маънои тағйир додан аст. Масалан агар шумо бигӯед «Ман барои зиёрат ба Макка рафтаам». Ҳоло агар касе ин ҷумларо тағйир диҳад ва бигӯяд ту гуфтаӣ «ман барои зиёрат ба Макка нарафтаам». Ҷумлаи шуморо таҳриф кардааст.

Ҳоло ки маънои таҳрифро донистед бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ кунед, ки тамоми оятҳои Қуръони Маҷид, ҳамонгуна ки Худованд бар Паёмбар (с) нозил фармуда ба дасти мо расидааст ва ҳеҷ ояте аз Қуръон таҳриф нашуда ва тағйир пайдо накардааст. Албатта, мумкин аст касе Қуръонро иштибоҳ маъно ва тафсир кунад, вале оятҳои Қуръон тағйир накарда ва чизе бар Қуръон афзуда ва ё аз он коста нашудааст.

Барои таҳрифнопазирии Қуръон далелҳои зиёде вуҷуд дорад, ки 3 мавриди онро бароятон менависам.

Далели ақлӣ. Худованд Қуръонро барои мо инсонҳо офарида аст ва бояд то қиёмат бетағйир боқӣ

[1]. Ниг. Тафсири Намуна, ҷ.4, саҳ. 28-29

бимонад, зеро агар камтарин тағйире дар Қуръон эҷод шавад дигар мардум ҳидоят намешаванд. Пас Худованди меҳрубон ҳеҷ гоҳ иҷоза намедиҳад касе Қуръонро таҳриф кунад ва мусулмонон нафаҳманд.

Далели Қуръонӣ. Худованд дар Қуръон фармудааст, ки худаш ҳофиз ва нигаҳдорандаи Қуръон аст. Чунонки мефармояд:

*"Мо Қуръонро фурӯ фиристодем ва худ аз он нигаҳдорӣ ва муҳофизат мекунем."* [1]

Пас чун Худованд муҳофизати Қуръонро бар ӯҳда гирифтааст, мумкин нест таҳриф шавад.

Далели таърихӣ. Дар саҳифаҳои қаблӣ навиштем, ки вақте Қуръон нозил мешуд Паёмбар (с) оятҳоро барои мусулмонон мехонд, дар ин замон нависандагони Қуръон, фавран оятҳоро менавиштанд. Ҳофизон ба ҳифзи оятҳо ҳиммат мекарданд. Паёмбар (с) ва мусулмонон дар намоз ва ғайри намоз, оятҳоро мехонданд. Пас бо таваҷҷӯҳ ба мавриди зер маҳол аст Қуръон тағйир кунад ва мусулмонон огоҳ набошанд.

А) Инояти махсуси Паёмбар (с) ба қироат, навиштан, ҳифз ва нигаҳдорӣ аз Қуръон.

Б) Таваҷҷӯҳи фавқулодаи мусулмонон ба Қуръон хондан, ҳифз ва мурур ва муқобилаи Қуръон.

Г) Омода кардани нусхаҳои зиёде аз Қуръон ва ирсоли он нусхаҳо ба тамоми нуқоти сарзаминҳои исломӣ дар замони садри Ислом ва пас аз реҳлати Паёмбар (с) ва хулоса ин ки агар касе андаке бо таърихи Қуръон ошно бошад дармеёбад, ки имкон надошт касе Қуръонро тағйир диҳад ва Паёмбар (с),

---

[1]. Ҳиҷр, ояти 9.

ҳазрати Алӣ(к), саҳобагон(рз) ва имомон(а) сукут кунанд. Чунонки ҳамакнун низ чунин аст, зеро вуҷуди ҳазорон нусха аз Қуръон дар дасти мусулмонон ва дар китобхонаҳо ва роёнаҳо ва ғайра, имкони ҳар гуна тағйир дар Қуръонро аз байн бурдааст.

**Оё Қуръони Маҷид дар мавриди таҳрифи Таврот ва Инҷил сухан гуфтааст?**

Қуръон дар ин бора мефармояд:

﴿فَبِمَا نَقْضِهِم مِّيثَاقَهُمْ لَعنَّاهُمْ وَجَعَلْنَا قُلُوبَهُمْ قَاسِيَةً يُحَرِّفُونَ الْكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِ وَنَسُواْ حَظًّا مِّمَّا ذُكِّرُواْ بِهِ... ﴾[1]

*"Ва ба сазои паймоншиканиӣ (яҳудиён), онҳоро лаънат кардем ва дилҳои онҳоро сахт (ва онҳоро сангдил) намудем, онҳо суханони (Худо)-ро аз ҷояш тағйир мекунанд ва бахше аз он чиро ба онҳо гӯшзад шуда буд фаромӯш кардаанд..."*

Чунон ки мебинем ин оят ба хубӣ бар ин матлаб далолат мекунад, ки яҳудиён Тавротро таҳриф кардаанд.[2]

Ояти дигар, ки ба таҳрифгарии аҳли китоб, яъне яҳудиён ва масеҳиён ишора мекунад, ояти зер аст:

﴿وَإِنَّ مِنْهُمْ لَفَرِيقًا يَلْوُونَ أَلْسِنَتَهُم بِالْكِتَابِ لِتَحْسَبُوهُ مِنَ الْكِتَابِ وَمَا هُوَ مِنَ الْكِتَابِ وَيَقُولُونَ هُوَ مِنْ عِندِ اللّهِ وَمَا هُوَ مِنْ عِندِ اللّهِ وَيَقُولُونَ عَلَى اللّهِ الْكَذِبَ وَهُمْ يَعْلَمُونَ﴾[3]

*"Дар миёни онҳо (яҳуд) касоне ҳастанд, ки дар вақти тиловати китоби (Худо) забони худро чунон мегардонанд, ки гумон кунед, (он чиро мехонанд), аз китоби (Худо) аст,*

---

1. Моида, ояти 13.
2. Тафсири Аҳсан-ул-ҳадис, ҷ.3, саҳ. 38.
3. Оли Имрон, ояти 78.

*дар ҳоле, ки аз китоби (Худо) нест! (Ва бо равшанӣ) мегӯянд: «Он аз тарафи Худост!» бо ин ки аз тарафи Худо нест ва ба Худо дурӯғ мебанданд, дар ҳоле ки медонанд!"*

Ба назари шумо, агар касе калимотеро худаш бисозад ва бигӯяд, ки он чи мехонам аз китоби Худо аст, чунин касе китоби Худоро таҳриф накардааст?

Ба ақидаи бархе аз муфассирони Қуръон ин оят дар бораи яҳудиён ва масеҳиён аст, ки худашон калимотеро месохтанд ва мегуфтанд, ки он чи мехонем китоби Таврот ё Инҷил аст.[1] Албатта бисёре аз муфассирон мегӯянд, ки ин оят дар бораи яҳудиён аст.

**Оё Таврот ва Инҷил аз назари таърихӣ бо Таврот ва Инҷили ҳозира, ки дар дасти яҳудиён ва масеҳиён аст фарқ дорад ё не?**

Он чи Худованд бар ҳазрати Мусо (а) ва Исо (а) нозил фармуда буд бо он чи ҳамакнун дар дасти яҳудиён ва масеҳиён аст (Таврот ва Инҷили ҳозира) фарқҳое дорад ва Таврот ва Инҷиле, ки Худо нозил фармуда буд аз байн рафтааст ва чунонки худи масеҳиён муътақиданд ва дар Инҷилҳо ва дигар китобҳо ва рисолаҳои масеҳиён баён шудааст, ки ин Таврот ва Инҷили ҳозира солҳо пас аз ҳазрати Масеҳ (а) ва ба воситаи ёрони ҳазрати Масеҳ (а) навишта шудааст. Худо дар Қуръон, Таврот ва Инҷили ҳақиқиро сабаби нур ва ҳидояти мардум шуморида, мефармояд:

---

[1]. Маҷмаъул баён, ҷ.1, саҳ. 465.

*“Мо Тавротро нозил кардем, дар ҳоле ки дар он ҳидоят ва нур буд ва паёмбарон –ки дар баробари фармони Худо таслим буданд- бо он барои яҳуд ҳукм мекарданд.”*

Ва дар чанд ояти баъд мефармояд:

*“Ва ба дунболи он (паёмбарон) Исо писари Марямро фиристодем, дар ҳоле ки китоби Тавротро, ки пеш аз ӯ фиристода шуда буд, тасдиқ мекард ва Инҷилро ба ӯ додем, ки дар он ҳидоят ва нур буд...”*[1]

Ин дар ҳоле аст, ки дар бораи китобҳои ҳозира, ки дар дасти яҳуд ва насоро аст мефармояд:

*“Пас вой бар онҳо, ки навиштае бо дасти худ менависанд, сипас мегӯянд, ки ин аз тарафи Худост то онро ба баҳои каме бифурушанд. Пас вой бар онҳо аз он чи бо дасти худ навиштанд ва вой бар онон аз он чи аз ин роҳ ба даст меовардананд.”*[2]

**Муҳкам ва муташобеҳ чист ва чӣ фарқе доранд?**

Муҳкам, яъне дорои истеҳком ва итқон. Муҳкам ба ин маъно дар форсӣ ҳам ба кор меравад монанди сохтмони муҳкам. Ба ин маъно, ҳамаи оятҳои Қуръон муҳкам ҳастанд. Худованд мефармояд: “Ин китобе аст, ки оятҳояш истеҳком ёфта, сипас ташреҳ шуд ва аз назди Худованди Ҳаким ва огоҳ (нозил шуда) аст.”[3]

Муташобеҳ, яъне мушобеҳ, шабеҳ ва ҳамонанди якдигар монанди ин гулҳо мушобеҳи ҳамдигаранд. Муташобеҳ ба ин маъно низ дар бораи ҳамаи оятҳои Қуръон ба кор меравад, ки дар хубӣ ва зебоӣ монанди якдигар мебошанд.

Чунонки Худованд мефармояд:

---

[1]. Моида, ояти 46.

[2]. Бақара, ояти 79.

[3]. Ҳуд, ояти 1.

*“Худованд беҳтарин суханро нозил кардааст. Китобе, ки оятҳояш (дар лутф ва зебоӣ ва умқ ва муҳтаво) ҳамонанди якдигар аст, оятҳои мукаррар дорад, ки аз шунидани оятҳояш ларза дар андоми афроди худотарс меафтад...”*[1]

То кунун маънои аввалии муҳкам ва муташобеҳро ёд гирифтед, инак ба дувумин маънои муҳкам ва муташобеҳ таваҷҷӯҳ кунед.

Ояти ҳафти сураи Оли Имрон дар бораи муҳкам ва муташобеҳ сухан гуфтааст. Ибтидо тарҷумаи бахшҳое аз ин оятро бо ҳам мехонем.

*“Ӯ (Худо) касе аст, ки китоби (Қуръон)-ро бар ту нозил кардааст, ки қисмате аз он оятҳо муҳкам (сареҳ ва равшан) аст, ки асоси ин китоб мебошад ва қисмате аз он оятҳо муташобеҳ аст...”*

Бо таваҷҷӯҳ ба тарҷумаи ин оят мефаҳмем, ки оятҳои Қуръон ду дастаанд; оятҳои муҳкам ва оятҳои муташобеҳ. Мақсуд аз “муҳкам” дар ин оят, оятҳое аст, ки далолати онҳо возеҳ ва равшан аст ва ба роҳатӣ маъно ва тафсири онҳо фаҳмида мешавад, монанди ﴿الحمد لله ربّ العالمين﴾ *“Ситоиш махсуси Худованде аст, ки Парвардигори оламиён аст.”*

Мақсуд аз “муташобеҳ” оятҳое аст, ки ба хотири амиқ будани матолиби он ва ҷиҳоти дигар, далолати онҳо возеҳ ва равшан нест, балки бояд бо таваҷҷӯҳ ба ояти муҳкам, он оятро тафсир кард. Равшан аст, ки тафсир ва тавзеҳи оятҳои муташобеҳ, бояд ба василаи Паёмбар (с), пешвоёни дин ё донишмандони ростин,

---

[1]. Зумар, ояти 23.

ки ба Қуръон ва аҳкоми динӣ огоҳии комил доранд анҷом шавад.

**Ҳарфҳои муқаттаъа**

**Чаро дар аввали сураҳои Қуръон монанди “Бақара” ва “Оли Имрон” калимаҳое монанди (алиф.лом.мим) омада аст? Ин калимаҳо чӣ маъно доранд?**

Ба ин ҳарфҳо, ҳарфҳои муқаттаъа гуфта мешавад ва масалан (الم) чунин хонда мешавад (алиф), (лом), (мим).

Аз ҳарфҳои муқаттаъа чанд тафсир шудааст, ки ман ду тафсири онро баён мекунам.

1. Ин ҳарфҳо рамзҳое байни Худованд ва Паёмбар (с) ҳастанд, ки мардуми оддӣ онро намефаҳманд.

2. Худованд ин ҳарфҳоро дар аввали бархе аз сураҳо овардааст, то ба мардум ёдоварӣ кунад, ки Қуръоне, ки мӯъҷизаи Паёмбар (с) аз ҳамин ҳарфҳои алифбо сохта шудааст, ки дар ихтиёри ҳамаи мардум аст, вале бо ин ҳол наметавонанд монанди Қуръон биёваранд.[1]

**Байни Қуръон ва тарҷумаи он, чӣ** фарқе **аст?**

Байни Қуръон ва тарҷумааш чанд фарқ ҳаст:

А) Қуръон каломи Худо ва бо забони арабӣ аст, вале тарҷумаи он мумкин аст ба забонҳои гуногун бошад.

Б) Қуръон гуфтори Худост, вале тарҷумаи он сохтаи инсонҳост. Қуръон шеваи махсус ба худашро дорад ва касе наметавонад ҳатто як сура монанди Қуръон биёварад, вале тарҷумаи Қуръон ҳеҷ як аз хусусиёти болоро надорад.

В) Нигоҳ кардан ба Қуръон ва хондан аз рӯи Қуръон савоб дорад.

---

[1] Тафсири Намуна, ҷ.1 с.35

Г) матни арабии Қуръон аҳкоми хоссе дорад, монанди бетаҳорат наметавон ба хатти Қуръон даст зад ва дар намоз бояд айни матнии арабии Қуръон хонда шавад.

Д) Дар ривоятҳо бар ёдгирии асли Қуръон, ки ба забони арабӣ аст таъкиди хоссе шудааст, чунонки Паёмбар (с) фармуд: Қуръонро бо арабиаш ёд бигиред.[1]

**Аввалин бор чӣ касе Қуръонро тарҷума кард?**

Нахустин касе, ки бо иҷозаи Пайғамбари Акрам (с) сураи Ҳамдро ба форсӣ тарҷума кард, Салмони Форсӣ(рз) буд.[2] Дар солҳои баъд низ донишмандони мусулмон шуруъ ба тарҷумаи Қуръон карданд.

**Тафсири Қуръон**

**Чӣ касоне метавонанд Қуръонро тафсир кунанд?**

Тафсири Қуръони Карим аз улуми тахассусӣ аст ва касоне метавонанд муфассири Қуръон шаванд, ки илмҳои мавриди ниёз барои тафсирро ёд гирифта бошад, ба назари шумо оё ҳар кас метавонад мағозаеро шифохона дар назар бигирад ва эълом кунад, ки "эй мардум ман пизишк ҳастам, биёед то шуморо дармон кунам ё ҳавопайморо ҳидоят кунад? Тафсири Қуръони Карим низ чунин аст, муфассири Қуръон бояд ҳадди ақал дар понздаҳ риштаи илмӣ аз ҷумла адабиёти араб, фиқҳ, улуми Қуръон, ҳадис ва ғайра мутахассис бошад.

---

[1]. Ниг. Муҳаммадҳодии Маърифт, Таърихи Қуръон, саҳ. 185-187.

[2]. Ҳамон, саҳ. 196.

Аз тарафе доштани рӯҳи пок (шароити рӯҳӣ) лозим аст, касе метавонад Қуръонро ба дурустӣ тафсир кунад, ки ботақво бошад ва рӯҳи худашро бо оби зулоли тавба шустушӯ дода бошад, худаш ба ончи Қуръон ба он дастур додааст, амал кунад ва дар як ҷумла, шахсият ва ахлоқу кирдори қуръонӣ дошта бошад.

Ҳарчанд тафсири Қуръон, махсуси касоне аст, ки шароити тафсирро дошта бошанд, аммо мо ҳам метавонем Қуръонро бихонем, дар оятҳояш тадаббур кунем, ба тарҷумаи он таваҷҷӯҳ кунем, ба тафсирҳои муътабар мурочеа кунем ва аз натиҷаи фикрӣ ва андешаи муфассирони бузург баҳра бибарем.

**Маънои нузули Қуръон**

**Нозил шудани Қуръон ба чӣ маъност?**

Решаи калимаи «нозил» "назала" аст. Ва дар забони арабӣ вақте чизе аз боло ба поён фуруд ояд, мегӯянд нозил шуд, чунонки дар бораи борон мегӯем, ки нузули борон ва чун раҳмати илоҳӣ аз тарафи Худованд-ки мақомаш болотарин аст- ба мардум мерасад мегӯянд: Нузули раҳмати илоҳӣ ва ин ки мегӯянд «Қуръонро нозил фармуд, яъне калимаҳо ва оятҳои Қуръонро Худованд фуруд овард ва онро дар ихтиёри ҳазрати Муҳаммад (с) қарор дод. Дар воқеъ, Худои Бузург оятҳои Қуръонро офарид ва онро барои ҳазрати Муҳаммад (с) фуру фиристод».[1]

---

1. Ал-мизон, ҷ.15, саҳ. 344.

**Оё сураҳои Қуръонро Худо нозил карда ё Паёмбар(с) онҳоро овардааст?**

Қуръонро Худованд аз тариқи фариштаи ваҳй (Ҷабраил(а)) бар Паёмбар(с) нозил кардааст ва ин матлаб дар Қуръон омадааст.

(وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ الذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ ) [1]

*“Ва мо ин Зикр (Қуръон)-ро бар ту нозил кардем, то он чиро, ки ба сӯи мардум нозил шудааст, барои онҳо равшан созӣ. Ва шояд андеша кунанд.”*

(اللَّهُ الَّذِی انزَلَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ وَالْمِيزَانَ وَمَا يُدْرِيكَ لَعَلَّ السَّاعَةَ قَرِيبٌ)[2]

*“Худованд касе аст, ки китоб (Қуръон) ва мизон (-и санҷиши ҳаққу ботил ва хабари қиёмат)-ро ба ҳақ нозил кард ва ту чӣ медонӣ шояд соат (-и қиёмат) наздик бошад!”*

Ҳамчунин ояти 176 сураи “Бақара” ояти 2 ва 3 сураи “Оли Имрон” ва ояти 196 аз сураи “Аъроф”-ро бо тарҷумааш бихонед.

**Қуръон чигуна нозил шудааст?**

Замоне ки зулм ва торикӣ ҳама ҷои заминро фаро гирфта буд, зурмандон ба мазлумон ситам мекарданд, мардум дар ҷаҳлу нодонӣ басар мебурданд, хуни якдигарро мерехтанд ва дар як калом ба фармудаи Қуръон, дар замоне ки мардум бар лаби партгоҳи оташ қарор доштанд, (сураи Оли Имрон ояти 103) Худо ба ҳазрати Муҳаммад(с) ваҳй фиристод ва ин гуна буд, ки аввалин ояти Қуръон бар Паёмбар (с) нозил шуд. Бештари сураҳои кӯчак монанди Ҳамд,

[1]. Наҳл, ояти 44.
[2]. Шуро, ояти 17.

Тавҳид ва ғайра ба таври комил ва як ҷо бар Паёмбар (с) нозил мешуд, масалан як бор, ки фиристодаи ваҳӣ назди Расули Худо(с) меомад, сураи Тавҳид нозил мешуд, пас аз муддате сураи дигаре нозил мешуд ва ҳамин тавр.

Вале дар ғолиби сураҳои бузург монанди Бақара ва Нисо як сураи комил бар Паёмбар(с) нозил намешуд, балки чанд оят нозил мешуд. Барои мисол, шахсе назди Паёмбар (с) меомад ва масъалае мепурсид, пас аз муддате оят нозил мешуд ва он шахс посухи пурсиши худро дарёфт мекард ё мусулмонон гоҳе корҳои бисёр хубе, ки сазовори подоши илоҳӣ бошад анҷом медоданд ё кори зиште, ки сазовори сарзаниш бошад анҷом медоданд, дар ин сурат ояте нозил мешуд ва мусулмононро ба хотири кори хубашон ташвиқ ва ба хотири кори бадашон сарзаниш мекард. Аз кофирон мехост пайрави оини ҳақ бошанд бо далелҳои муҳкам, вуҷуди Худованд ва қиёматро исбот мекард.[1]

**Оятҳои Қуръон барои аввалин бор дар куҷо бар Паёмбар (с) нозил шуд?**

Аҳолии шаҳри Макка шоҳид буданд, ки рӯзҳои пай дар пай, Муҳаммади Амин (с) аз кӯчаҳои танг ва борики шаҳр мегузашт ва ба болои кӯҳи «Ҳиро» меравад. Онҳо медонистанд, ки дар болои қуллаи кӯҳ ғори хурде вуҷуд дорад. Эҳтимол медоданд, ки Муҳаммади Амин (с), ки аз куфр ва бутпарастии онҳо

---

[1]. Саидмуҳаммад Боқири Ҳуҷҷатӣ, Пажӯҳишҳое дар таърхи Қуръони Карим, саҳ. 66-70 ва Муҳаммадҳодии Маърифат, Таърихи Қуръони Карим, саҳ. 81-82.

ба танг омада буд болои он кӯҳ меравад. Медиданд, ки фақат ҳамсараш Хадиҷа(рз) ва писарамӯи навҷавонаш Алӣ(к) ба назди ӯ меравand ва барои «Амини Қурайш» об ва ғизо мебурданд. Оё мардуми он замон эҳтимол медоданд, ки бузургтарин ҳодисаи таърих рух медиҳад?

Муҳаммади Амин (с) дар парастишгоҳи худаш дар дили кӯҳ машғули ибодат буд ва рӯзҳо яке пас аз дигарӣ мегузашт. Рӯзе ҳазрати Муҳаммад (с) дар ғори Ҳиро машғули ибодати Худованд буд, ки ногаҳон бо лаззатбахштарин ва дар айни ҳол аҷоибтарин ҳодисаи умраш рӯ ба рӯ шуд. Вақте хуб муқобилашро нигоҳ кард, фариштаи ваҳй Ҷабраил(а)-ро дид, ки оятҳои аввали сураи "Иқраъ"-ро барояш овард ва ҳазрат ба паёмбарӣ мабъус шуд.[1]

**Аввалин ояте, ки нозил шуд кадом аст?**

Аввалин ояте, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд оятҳои 1 то 5 сураи "Алақ" буд.[2]

Имом Содиқ (а) фармуд: Аввалин чизе (ояте), ки бар Паёмбар (с) нозил шуд ин буд.

﴿إِقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّکَ الَّذِی خَلَقَ...﴾

Оё медонед дар бақияи китобҳои осмонӣ, аввалин чизе, ки бар паёмбарон(а) нозил мешуд чӣ буд?

Имом Боқир (а) мефармояд: *Аввали ҳар китобе, ки аз Осмон нозил шуда «Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим» буд.*

[1]. Ҷаъфари Субҳонӣ, Фарозҳое аз таърихи Паёмбари Ислом(с), саҳ. 94.

[2]. Алмизон, ҷ.20, саҳ. 158; Ҷалолуддин Суютӣ, Алитқон, ҷ.1, саҳ. 96.

Албатта чун бақияи китобҳои осмонӣ ба арабӣ нозил нашуда, мақсуди Имом ҷумлае аст, ки арабии он «Бисмиллоҳ ...» аст.[1]

**Охирин ояте, ки нозил шуд кадом аст?**

Ба ақидаи бархе аз донишмандон охирин ояте, ки бар Паёмбари Акрам(с) нозил шуд, ояти 281 сураи "Бақара" аст.[2] Дар ин оят омадааст:

*«Ва аз рӯзе бипарҳезед (ва битарсед), ки дар он рӯз шуморо ба сӯи Худо бозмегардонанд. Бар ҳар кас ҷазои он чи кардааст, дода мешавад ва ба онҳо ситам намешавад».*

Чанд рӯз пас аз нузули ин оят Паёмбар (с) реҳлат кард.

**Аввалин сурае, ки нозил шуд кадом сура буд?**

Дар саҳифаҳои пеш барои шумо навиштам, ки аввалин ояте, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд оятҳои 1 то 5 сураи "Алақ" буд, вале бақияи сура баъдҳо нозил шуд. Аввалин сураи комиле, ки бар Паёмбари Акрам(с) нозил шуд, сураи "Ҳамд" буда аст.[3] Паёмбари Акрам(с) аз ҳамон оғози беъсат намоз мехонд ва медонед, ки намозро наметавон бе сураи "Фотиҳа" хонд. Аз ин матлаб метавон фаҳмид аввалин сураи пурра ва комиле, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд, сураи "Ҳамд-Фотиҳа" буд.

**Охирин сурае, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд чист?**

Бархе аз сураҳои Қуръон якбора нозил шуда ва бархе дигар ба гузашти замон нозил мешуд, монанди

---

[1]. Ҳамон, ҷ.3, саҳ. 313.

[2]. Маҷмаъулбаён, ҷ.1, саҳ. 394.

[3].Кашшоф, ҷ.4, саҳ. 270 ва Маҷмаулбаён, ҷ. 5, саҳ. 514.

сураи “Бақара”. Бинобар ин сураи пуррае, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд сураи «Наср» буд.[1]

**Сураҳои Қуръон чигуна бар Паёмбар (с) нозил мешуданд?**

**Оё Қуръон якбора бар Паёмбар (с) нозил шуд ё тадриҷӣ ва оҳиста – оҳиста?**

Қуръон ду бор бар Паёмбар (с) нозил шуда аст. Яке ба сурати иҷмолӣ бар қалби поки он Ҳазрат нозил шудааст, чунонки Худованд мефармояд:

“*Мо Қуръонро дар шаби қадр нозил кардем*.”

Нузули дигари Қуръон тадриҷӣ ва оҳиста-оҳиста буда аст, ки тайи 23 сол дар замонҳо ва маконҳои гуногун бар Паёмбар (с) нозил шуд.[2]

Дар шаби қадр тамоми Қуръон бар қалби Паёмбар (с) нозил шуд.

**Чаро Қуръон дар моҳи Рамазон нозил шуда аст?**

Агар Худованд бихоҳад беҳтарин китоби осмониро барои беҳтарин инсон бифиристад, ба назари шумо чӣ замоне муносиб аст? Ҳатман посух медиҳед беҳтарин замон. Беҳтарин китоб, беҳтарин Паёмбар ва беҳтарин замон. Беҳтарин замон чӣ замоне аст? Замоне, ки аз ҳазор моҳ беҳтар аст.

﴿لَيلَةُ القَدرِ خَيرٌ مِن اَلفِ شَهرٍ﴾

Моҳе, ки инсонҳо ба меҳмонии Худо даъват шудаанд.[3]

Оре, Худованд барои меҳмонони худ дар беҳтарин шаб, беҳтарин китоби осмонӣ ба беҳтарин офаридаи

---

[1]. Маҷмаъулбаён, ч. 5, саҳ. 553; Албурҳон, ҷ.5, саҳ. 516.

[2]. Алмизон, ҷ.2, саҳ.18.

[3]. Васоил, ҷ.10, саҳ.313 ва Биҳор, ҷ.93, саҳ.356.

худ, барои мардум нозил кардааст. Пас мо ҳам бояд қадри Қуръонро бидонем.

*Манам Қуръон манам Қуръон*
*Манам пайғоми ҷовидон*
*Манам сарчашмаи имон*
*Манам барномаи инсон*
*Суруди ишқу уммедам*
*Фуруғи поки тавҳидам*
*Зудудам тирагиҳоро*
*Ба ҳар қалбе, ки тобидам*
*Раҳоварди шаби қадрам*
*Чаро қадрам намедонӣ?*
*Паёми раҳмат овардам*
*Чаро охир намехонӣ?*[1]

**Чаро Қуръон ба забони арабӣ нозил шуда аст?**

Фарз кунед як рӯзи таҳсилӣ ҳамагӣ дар дарси иншо нишастаед ва муаллим аз донишомӯзе мехоҳад иншоеро, ки навиштааст, бихонад. Ӯ шурӯъ мекунад, вале шумо ва муаллим чизе намефаҳмед. Гӯё аз қорраи дигаре омадааст. Пас аз муддате муаллим асабонӣ мепурсад: Ту чӣ мехонӣ? Ӯ механдаду мегӯяд: Нороҳат нашавед ман имрӯз иншоямро бо забони қабилае, ки дар ҷангалҳои Амазон зиндагӣ мекунад навиштаам. Оё муаллим ва шумо ба ин донишомӯзи кӯшо намехандед? Оё аз суханҳои ӯ чизе мефаҳмед?

Нузули Қуръон низ ҳамин гуна аст. Фарз кунед агар Қуръон ба забони англисӣ бар Паёмбар (с) нозил мешуд оё мардуми Ҳиҷоз чизе мефаҳмиданд?

---

[1]. Ҳиссон.

Оё намегуфтанд, ки Муҳаммад чӣ мегӯяд?

Пас чун худи Паёмбар (с) араб буд ва мухотабони аввалияи Қуръон арабзабон буданд, табиӣ буд, ки Қуръон ба забони арабӣ нозил шавад. Дӯст дорӣ посухро аз худи Қуръон бишнавӣ?

*“Ва агар ин Қуръонро бо забони аҷамӣ (ғайри арабӣ) мефиристодем, мегуфтанд: Чаро паёмаш равшан ва ошкор нест? Оё [китоби] аҷамӣ бар [паёмбари] арабӣ [нозил мешавад]?”*

Пас Қуръон ба забони арабӣ нозил шуд, то арабҳо онро бифаҳманд ва ба он имон биёваранд. Сипас бо кӯмаки онҳо ва дигар мусулмонон Қуръон ба дигар забонҳо низ тарҷума шавад.

**Чаро Қуръон нозил шуд?**

Худованд инсонҳоро барои ибодати худаш офарид, ки бо анҷоми корҳои нек ба Худованд наздик шаванд ва ба биҳишти илоҳӣ дароянд ва барои ҳамеша дар оромишу саодат бошанд.

Инсон барои паймудани роҳи саодат ва вуруд ба биҳишт ниёзманди як китоби роҳнамо ва нақшаи роҳ аст то он китоби роҳнаморо бихонад ва дастурҳояшро ба кор гирад то ба саодати доимӣ бирасад ва он китоби роҳнамо чизе ҷуз Қуръон нест. Чунонки Худованд дар бораи Қуръон мефармояд:

*“Ин оятҳои китоби ҳаким (пурмуҳтаво ва устувор) ҳидоят ва раҳмат барои некукорон аст.”* [1]

Дуюмин ояи сураи Бақара низ Қуръонро мояи ҳидояти парҳезкорон медонад ва ба мо мефаҳмонад,

[1] . Луқмон, ояти 2-3.

ки яке аз далелҳои нузули Қуръон ин аст, ки афроди ботақво ва парҳезгор онро бихонанд ва ҳидоят шаванд.

**Сабаби нузул чист?**

Чунонки медонед гоҳе ҳаводисе пеш меомад ё касе аз Паёмбар (с) матлаберо савол мекард, ки дар бораи он ҳодиса ё дар ҷавоби касе, ки аз Паёмбар (с) савол карда буд, ояте нозил мешуд. Ба ҳаводисе, ки боиси нузули оят мешуд сабаби нузул гуфта мешавад.[1]

**Ояти 30 сураи Анфол дар бораи чӣ касе ва дар куҷо нозил шуд?**

Ин оят дар бораи гӯшаи муҳимми зиндагии Паёмбари Акрам(с) нозил шуда аст. Хулосаи достон чунин аст.

Сарони куфр ҷамъ шуданд. Вақте ҷаласа расмӣ шуд ва ҳама сари ҷои худ нишастанд, сухангӯи ҷаласа гуфт: Эй бузургони Қурайш! Муҳаммад хатари бузурге барои мо аст. Инак ҷамъ шудем то бо як нақшаи хуб, кори Муҳаммадро тамом кунем. Пешниҳоди ман ин аст, ки як нафари шуҷоъ интихоб шавад ва бо як ҳамлаи пинҳонӣ ва махфиёна ӯро бикушад. Пирамарди ношиносе, ки гӯё шайтон буд, гуфт: Ин пешниҳоди хубе нест, зеро Бани Ҳошим зуд қотили Муҳаммадро мекушанд.

Шахси дигаре гуфт: Биёед Муҳаммадро зиндонӣ кунем ва аз сурохи кӯчаке барояш обу ғизо бигузорем ва он қадар дар зиндон бимонад то бимирад.

Пирамард гуфт: Ин кор ҳам мумкин нест, чун қабилааш ӯро озод мекунанд.

---

[1]. Аҳсанулҳадис, ҷ.12, саҳ.206.

Сеюмӣ гуфт: Биёед Муҳаммадро бар шутури саркаш савор кунем, дасту пояшро бибандем ва шутурро раҳо кунем то Муҳаммадро ба кӯҳҳо, дарахтон ва сангҳо бизанад ва Муҳаммад нобуд шавад ва агар солим монд дар шаҳрҳои дурдаст ва қабоили бегона аст дар ҳар сурат аз ӯ халос мешавем.

Пирамард гуфт: Ин пешниҳод ҳам муносиб нест, чун ӯ зинда мемонад ва бо забони ширине, ки дорад, бақияи қабилаҳоро зидди шумо мешуронад.

Сукути сангине бар ҷаласа соя афканда буд. Ҳамаи пешниҳодҳо рад шуда буд ва ҳамагӣ ба фикр фурӯ рафта буданд. Ногаҳон, Абӯҷаҳл ва ба нақле худи он пирамард гуфт: Биёед аз ҳар қабила як нафар интихоб кунем ва афроди интихобшуда шабона ба хонаи Муҳаммад(с) бираванд ва ӯро тика-тика кунанд, ки дар ин сурат дигар хонадони Муҳаммад ва Бани Ҳошим наметавонанд бо ҳамаи қабилаҳо биҷанганд.

Ин пешниҳод қабул шуд. Терористҳо интихоб шуданд ва қарор шуд ҳамон шаб нақша амалӣ шавад. Дар ин ҳангом фариштаи ваҳй бар Паёмбар(с) нозил шуд ва ӯро аз нақшаи кофирон огоҳ сохт ва Паёмбар (с) ҳамон шаб роҳи Мадинаро дар пеш гирифт ва ҳазрати Алӣ (к) он шаб ба ҷои Паёмбар (с) хобид.

Ояте, ки дар пурсиш омада буд ба достони боло ишора дорад. Дар ин оят мехонем:

*"Ва (ёд кун) ҳангоме ки кофирон зидди ту нақша мекашиданд, ки туро ба зиндон бияфкананд ё бикушанд ё (аз Макка) берун кунанд, онҳо найранг мекарданд ва Худованд ҳам тадбир мекард ва Худо беҳтарини тадбиркунандагон аст.*

**Сураҳои маккӣ бо маданӣ чӣ фарқ доранд?**

Дар Макка Паёмбар (с) бештар бо кофирон ва мушрикон баҳс мекард, монанди Абӯҷаҳл ва Абӯлаҳаб, ки Худо, Паёмбар (с), қиёматро қабул надоштанд ва мусулмононро озор медоданд. Вале дар Мадина ингуна набуд. Атрофи Паёмбар(с)-ро мӯъминон гирифта буданд. Аз аҳкоми шаръӣ, мисли намоз ва вузӯ мепурсиданд. Албатта, дар Мадина Яҳудиён ва каме аз Масеҳиён ҳам буданд.

Пас афроде, ки дар Макка буданд, усули динро қабул надоштанд, вале афроде, ки дар Мадина буданд аз фурӯъи дин огоҳии комиле надоштанд. Бинобар ин тафовути сураҳои маккӣ ва маданӣ дар чист?

1. Лаҳни оятҳо ва сураҳои маккӣ аз усули дин мисли тавҳид, нубувват ва қиёмат баён шуда, вале дар сураҳои Маданӣ, аз аҳкоми шаръӣ ва фурӯъи дин мисли намоз, рӯза, ҷиҳод ва закот сӯҳбат шудааст.

2. Лаҳни оятҳо ва сураҳои маккӣ, ки бо кофирон баҳс мекунад, тунд ва шадид аст, вале лаҳни оятҳо ва сураҳои маданӣ, ки бо мӯъминон гуфтугӯ мекунад мулоим ва меҳрубон аст.

3. Дар сураҳои маккӣ, вақте Худо мехоҳад бо мардум сухан бигӯяд бештар ба унвони “Ё аюҳаннос- Эй мардум!” суханро оғоз мекунад, вале дар сураҳои маданӣ бештар ба унвони “Ё аюҳаллазина омону- Эй мӯъминон!” оғоз мешавад.

4. Сураҳои маккӣ кутоҳанд,[1] чун кофирони Макка Паёмбари Акрам(с)-ро қабул надоштанд ва агар

---

[1]. Р. к. Маърифат, Улуми қуръонӣ, фасли 2, Ороста, Дарсномаи улуми қуръонӣ, фасли 3.

сураҳои тӯлонӣ нозил мешуд ба он гӯш намекарданд, вале дар Мадина мӯъминон омодаи шунидани оятҳои Қуръон буданд, аз ин рӯ сураҳои маданӣ тӯлонитар аст.

**Китобҳои осмонӣ чанд то ва кадомҳо ҳастанд?**

Китобҳои осмонии имрӯз иборатанд аз:

1. Қуръон -китоби Паёмбари гиромии Ислом (с)
2. Таврот (аҳди қадим) -китоби ҳазрати Мусо (а)
3. Инҷил(аҳди ҷадид) -китоби ҳазрати Исо (а)
4. Забур (Мазомир) -китоби ҳазрати Довуд (а)

Китоби Забур бо "Аҳди қадим" якҷоя аст ва чун ин китобҳо таҳриф шуда, мо Таврот, Инҷил ва Забур-ро набояд бихонем.

Номи китоби дигар паёмбарон "суҳуф" буд, ки муфради он саҳифа аст. Бинобар ривоятҳо паёмбароне, ки бар онон китоби илоҳӣ нозил шуда, илова бар он чи гузашт иборатанд аз:

5. Ҳазрати Одам (а), 6. Ҳазрати Шис (а), 7. Ҳазрати Идрис (а), 8. Ҳазрати Нуҳ (а),[1] 9. Ҳазрати Иброҳим (а)[2]

Ин китобҳо дастурҳое доранд, мисли Мазомири ҳазрати Довуд (а), ки як саду панҷоҳ фасл дорад, ҳар кадом "Мазмур" номида мешавад ва дуо ва андарз ва муноҷот аст.[3]

Ин китобҳо ду гуна будаанд;

1. Китобҳои паёмбарони улулъазм, ки дину оин ва аҳкоми нав дорад монанди Қуръон, Таврот ва Инҷил.

---

[1]. Маърифат, Таърихи Қуръон саҳ. 51; Тафсири Намуна ҷ.6 саҳ.74.

[2]. Биҳор, ҷ.19 саҳ. 48

[3]. Ҳамон саҳ. 60

2. Китобҳое, ки аҳкоми нав надорад, балки насиҳат, роҳнамоӣ ва дуо дорад мисли китоби Забур.[1]

**Аввалин нависандаи Қуръон кист?**

Қуръон дар чанд марҳала навишта шуд, ки аввалин марҳалаи онро бароятон менависам:

Вақте бар Паёмбар (с) ояте нозил мешуд, он оятро барои ёронаш мехонд ва афроди босавод онро менавиштанд. Ба инҳо "нависандагони ваҳӣ" гуфта мешавад, ки гоҳе чиҳил нафар буданд. Барҷастатарини онон ҳазрати Алӣ (к) буд,[2] зеро дар Макка нависандаи Паёмбар (с) ва Қуръон буд ва то охирин рӯзи зиндагии Паёмбар (с) ба ин кор идома дод. Паёмбар (с) низ пофишории мекард, то ончиро нозил мешавад, Алӣ (а) бинависад.[3]

Имом Алӣ (к) дар ин бора мефармояд: *Ба Худо қасам ояте нозил нашуд, магар он ки Паёмбар (с) онро бар ман мехонд ва тафсир ва таъвили онро ба ман меомухт.*[4]

Илова бар ҳазрати Алӣ (к) Убай ибни Каъб ва Зайд ибни Собит низ аз аввалин нависандагони Қуръон буданд.[5]

**Дар ибтидо оятҳои Қуръонро бар чӣ чизҳое менавиштанд?**

Қуръонро рӯи пустҳо, сангҳои соф ва навъе коғази ибтидоӣ менавиштанд, монанди

---

[1]. Тафсири Намуна ҷ.4 саҳ. 215

[2]. Маърифат, Аттамҳид фи улумил Қуръон, ҷ.1, саҳ. 292-295

[3]. Маърифат, Улуми Қуръон, саҳ. 33

[4]. Табрасӣ, Эҳтиҷоҷ, ҷ.1, саҳ. 261.

[5]. Улуми қуръонӣ, саҳ. 34.

[2] . Биҳор, ҷ.89, саҳ.40-75

1. Усуб; чӯби хурмо, ки баргҳояшро меканданд ва дар қисмати паҳни он менавиштанд.

2. Лухоф; саҳфаҳои нозуки санг, чунонки имрӯза низ лавҳҳои муҳимми ёдбуд ва санги қабрҳоро рӯи тиккаҳои санг менависанд.

3. Риқоъ; баргҳои коғаз, баргҳои дарахт ё пусти нозук.

4. Адим; қитъаҳои пусти дабоғишуда.

5. Ҳарир; порчаҳои абрешимӣ.

6. Қаротис; коғазҳо.[1]

7. Актоф; ҷамъи китф, устухонҳои паҳни китфи шутур ё гӯсфанд

8. Азлоъ; ҷамъи залъ, устухонҳои софи дандаҳои ҳайвонот.

9. Шазоз; навъи чуб ва навиштабзорҳои дигар.[2]

**Оё сураҳои Қуръон ба тартиби нузул аст?**

Чунонки дар сафаҳоти қаблӣ буд, аввалин оятҳое, ки бар Паёмбар (с) нозил шуд, оятҳои аввали сураи Алақ буд. Аммо дар Қуръоне, ки акнун дар дасти мост, сураи Алақ аввалин сураи Қуръон нест. Пас сураҳои Қуръон ба тартиби нузул гирдоварӣ нашудааст, масалан бо онки сураи Бақара дар Мадина нозил шуда ва ҳатто бархе аз оятҳои он дар охирин рӯзҳои умри Паёмбар (с) нозил шуда буд, дар ибтидои Қуръон пас аз Ҳамд омадааст. Аз тарафи дигар, сураҳои Алақ, Муззаммил, Муддассир, ки дар аввали беъсат нозил шуда ба тартиб сураҳои наваду шашум, ҳафтоду сеюм ва ҳафтоду чаҳоруми Қуръон аст.

[3]. Доктор Ромиёр, Таърихи Қуръон, саҳ.277.

**Чаро сураи Ҳамд дар аввали Қуръон омада аст?**

Дар ҳадисе мехонем: Ҳар мусулмоне, ки “Фотиҳатулкитоб”-ро бихонад ба андозаи касе, ки ду севуми Қуръонро хондааст подош мегирад.[1]

Пас Паёмбар (с) сураи Ҳамдро, Фотиҳатулкитоб номидаст. Ин сура фазилати фаровоне дорад, ки Уммулкитоб, асоси Қуръон номида шуда аст.

**Кай Қуръон ҳаракатгузорӣ шуд?**

Қуръон, ҳудуди чиҳил сол баъд аз реҳлати Паёмбар (с) байни солҳои 50-53-и қамарӣ ҳаракатгузорӣ шуд.[2] Дар замони Паёмбар (с) дини Ислом густариши чандоне наёфта буд ва ғолиби мусулмонон арабзабон буданд.

Пас ниёзи чандоне ба эъробгузории Қуръон набуд, вале пас аз он ки кишвари исломӣ васеъ шуд ва эрониён, ки форсӣ сухан мегуфтанд ва миллатҳои дигаре монанди румиҳо ва ғайра ба Ислом гаравиданд, наметавонистанд Қуръонро бе эъроб бихонанд ва гоҳе оятҳоро ғалат мехонданд, аз ин рӯ яке аз шогирдони ҳазрати Алӣ (а) бо номи Абуласвади Дуалӣ Қуръонро эъробгузорӣ кард.[3]

**Номи сураҳои Қуръон чигуна интихоб шуда аст?**

Паёмбар (с) ба дастури Худованд барои сураҳои Қуръон, номҳоеро интихоб карда буд.[4] Дар ривоятҳои фазилати хондани сураҳои Қуръон ба ин номҳо ишора

---

1. Маҷмаулбаён ҷ.1, саҳ.88

2. Доктор Ромёр, Таърихи Қуръон саҳ.532

3. Ҳамон; Маърифат, Улуми қуръонӣ, саҳ. 171.

4. Суютӣ, Алитқон ҷ.1 саҳ.118; Албурҳон ҷ.1, саҳ.270; Сайидмуҳаммад Боқири Ҳуҷҷатӣ, Пажуҳише дар таърихи Қуръони Карим саҳ.98.

шуда аст, масалан Паёмбари Акрам(с) сураи Ҳамдро, Фотиҳатулкитоб, Уммулкитоб ва ... номида аст.

Номгузории сураҳои Қуръон бар асоси маворид ва муносибатҳои фаровоне буд, ки байни номи интихоб шуда ва сураи мавриди назар вуҷуд дошт. Бархе аз ин муносибатҳо иборатанд аз;

1. Калима ё калимоти аввали сура ва маъонии онҳо, масалан номи дигари сураи Тавба, “Бароат” аст, зеро сура ба ин оят шурӯъ мешавад (Бароатумминаллоҳи ва расулиҳ...) ҳамчунин номи дигари сураи Тавҳид, “Қулҳуваллоҳ” аст.

2. Мавзӯъ ё матлабе, ки дар як сура омада аст, бархе аз матолиби Қуръон дар як сура омада ва дар дигар сураҳо наёмада аст ё ҳарчанд дар дигар сураҳо ҳам омада бошад дар як сура комилтар омада аст, дар ин сурат, номи сура бо матлаби мавриди назар ҳамоҳанг аст; масалан достони омӯзандаи “Гови Бани Исроил” дар сураи Бақара омада аст, аз ин рӯ номи ин сураро Бақара номидаанд.

**Чаро Қуръон мехонем?**

Худо моро офарида ва ба василаи Паёмбараш (с) як китоби роҳнамо барои мо фиристодааст, ки бидонем аз умри худамон чигуна истфода кунем? Чӣ кунем, ки пас аз поёни зиндагӣ ба ҷаҳаннам наравем? Чигуна вориди биҳишт шавем?

Ва садҳо матолиби дигар, ки мо инсонҳо ниёз дорем ва Худованд онҳоро дар Қуръон оварда ва аз мо хоста аст, ки ҳарчи метавонем Қуръон бихонем[1] ва бо амали

[1]. Муззаммил, ояти 20.

солеҳ ба саодати абадӣ бирасем ва барои хондани Қуръон савоби зиёд медиҳад.

Қуръон чӣ қадар дар зиндагии дунё ва охирати инсон таъсир дорад? Чанд намуна аз таъсири Қуръон дар зиндагии дунёро бинависед!

Бисёре аз аломатҳои роҳнамоӣ ва ронандагиро мешиносед ва бо аҳамияти он ошно ҳастед. Медонед, ки агар ронандае ин аломатҳоро риоят накунад бо чи хатарҳои бузурге рӯ ба рӯ мешавад.

Дастурҳои Қуръон низ аломатҳое ҳастанд, ки Худои бузург дар роҳи инсон гузошта аст, то инсон ба хушбахтии дунё ва охират бирасад. Қавонини ронандагӣ бар сари дуроҳаҳо, роҳро аз бераҳа нишон медиҳад, Қуръон низ роҳи биҳиштро аз бероҳаи ҷаҳанам нишон медиҳад ва аз мардум мехоҳад, ки роҳи биҳишт дар пеш гиранд.

Аз тарафи дигар ҳама мо зебоиро дӯст медорем, ба ҳамин хотир, аз дидани гулҳо, парандагон ва манзараҳои зебои табиат лаззат мебарем. Қуръон низ зебо аст. Зебоии фавқулодаи Қуръон, таъсири амиқе бар рӯҳу ҷони зебописанди инсон мегузорад ва ӯро дар авҷи осмонҳо ба тамошои манозири зебои биҳишт мебарад.

Паёмбари Акрам(с) барои ҷазби мардум ба Ислом сармояи фаровони моддӣ надошт, аммо Қуръонро ҳамвора дар канораи хонаи Худо ва ҷойҳои дигар қироат мекард. Овои малакутӣ ва дилнавози Паёмбар (с) чунон таъсире дошт, ки кофирон маҳви шунидани он мешуданд.

Таъсири Қуръон бар дилҳо он қадар буд, ки душманони Ислом ба ҳарос афтода ва мардумро аз

шунидани овози Қуръони Расули Худо (с) манъ мекарданд ва ба раҳгузарон ва мусофирон тавсия мекарданд, ки вақте вориди Масҷидулҳаром мешаванд гӯшҳои худашонро бигиранд ё дар гӯши худ пахта бигузоранд то садои Қуръон ба гӯши онҳо нарасад. Кофирон ба мардум мегуфтанд:

*"Ба ин Қуръон гӯш надиҳед ва [ба ҳангоми қироати ҳазрати Муҳаммад(с)] суханони лағв ва беҳуда бигӯед [то садои ҳазрати Муҳаммад (с) ба гӯши мардум нарасад] шояд шумо пирӯз шавед."*[1]

**Чигуна ба маънои Қуръон бифаҳмем?**

Барои фаҳмидани оятҳои илоҳӣ, ин мавoридро ба шумо тавсия мекунем:

1. Таваҷҷӯҳ ба тарҷумаи Қуръон. Як ҷилд Қуръони бо тарҷумаи муносиб таҳия кунед ва вақте Қуръон мехонед ба тарҷумаи оятҳо низ диққат кунед.

2. Ширкат дар дарсҳои қуръонӣ

3.Хондани китобҳои тафсирӣ. Китобҳое, ки Қуръонро ба забони сода тафсир кардаанд, таҳия кунед ва ошно шавед.

4. Ошноӣ бо таърихи Ислом. Чун Қуръон дар муддати 23 сол бар қалби меҳрубони Паёмбари Раҳмат(с) нозил шудааст, ошноӣ бо ҳаводисе, ки барои он ҳазрат ва мусулмонҳо рӯх дод ба фаҳму дарки оятҳои Қуръон кӯмак мекунад.

5. Ошноӣ бо забону адабиёти араб ва истифодаи он ҳангоми қироати Қуръон

---

[1] . Фуссиллат ояи-26

**Дар мавриди қироати “Ҳафс аз Осим” тавзеҳ диҳед.**

Пас аз нузули Қуръон, иддае аз ёрони Паёмбар (с) онро менавиштанд ва иддае танҳо ба қироати Паёмбар(с) гӯш медоданд ва пас аз такрори қироат ба василаи Паёмбар (с) ё яке аз ёрони он ҳазрат, бархе аз мусулмонон Қуръонро ҳифз мекарданд.

Диққати Паёмбар (с) ба Қуръон ва оятҳое, ки дар бораи таълиму тарбият ва омухтани Қуръон вуҷуд дорад, боис шуд то дар ҳамон садри Ислом мусулмонон барои ёдгирии Қуръон аҳамият бидиҳанд, аз ин рӯ аввалин омӯзгорони Қуръон аз ёрони Паёмбар(с) буданд падид омаданд мисли Имом Алӣ(а), Абдуллоҳ ибни Масъуд, Зайд ибни Собит ва Убай ибни Каъб, ки ба онҳо табақаи аввали “қурроъ” гуфта мешавад. Ин афрод низ шогирдони барҷастае тарбият карданд, ки аз ҷумла метавон ба Абдуллоҳ ибни Аббос, Абуласвади Дуалӣ ва Абӯабдурраҳмони Сулламӣ ишора кард, ки ҳама аз шогирдони имом Алӣ (а) буданд.

Абӯабдурраҳмони Сулламӣ низ шогирдоне тарбият кард, ки яке аз онҳо “Осим” буд. Осим чанд шогирди мумтоз дошт, ки яке аз онҳо Ҳафс ибни Сулаймон аст. Қуръоне, ки ҳамакнун дар дасти мо аст бо қироати ин устод аст. Дар воқеъ ҳазрати Алӣ(а) Қуръонро ба Абӯабдурраҳмони Сулламӣ ва ӯ ба Осим ва Осим ба Ҳафс омухтааст. [1]

---

[1]. Номи комили ӯ Осим ибни Абинаҷуди Асадӣ аст. Вай мутаваффои соли 128 ҳ.қ. ва қории Куфа буд. (Маърифат, Улуми Қуръон).

**Оё тиловат бо қироат фарқ дорад?**

Бисёре аз калимаҳои рӯзмарра ба ҷои ҳамдигар ба кор рафта ва мо онҳоро "ҳаммаъно" медонем, ҳарчанд бо диққат дар китобҳои луғат мефаҳмем, ки байни онҳо фарқ аст. Масалан мо "хондан" ва "мутолеа"-ро ҳаммаъно медонем, дар ҳоле ки бо ҳам фарқ доранд.

Қироат дар луғат ба маънои хондан аст ва ба ақидаи устодони таҷвид қироат, танҳо ба хондани зоҳири оятҳо гуфта мешавад, вале тиловат ҳам ба хондани зоҳири оятҳо –бе таваҷҷӯҳ ба маънои он– гуфта мешавад ва ҳам ба хондани оятҳо бо таваҷҷӯҳ ба маънои калимаҳо ва мафоҳими каломи илоҳӣ ва амру наҳйҳои Қуръон, ба гунае ки гӯё Худованд бо ӯ сухан мегӯяд ва оятҳо барояш нозил мешавад.[1]

**Чаро фазилати бархе аз сураҳо бештар аст?**

Оятҳо ва сураҳои Қуръон монанди ғизоҳои мухталиф ҳастанд. Ҳамон гуна ки бадани мо барои рушду саломат, ба ҳамаи ғизоҳо ниёз дорад, рӯҳи мо низ барои роҳатӣ ва осоиш, ба қироати ҳамаи сураҳо ниёзманд аст. Бадани мо баъзе вақт ба бархе аз ғизоҳо бештар ниёз дорад. Рӯҳи мо низ ба қироати бархе аз сураҳо эҳтиёҷи бештаре дорад, чунки матолиби муҳимтар ва барҷастатари эътиқодӣ ва ахлоқӣ ва тарбиятӣ дар он омадааст. Пешвоёни динӣ ба мо дастур доданд он сураҳоро бештар бихонем, мисли сураи "Тавҳид", ки барои худошиносӣ аст.

Ҳамчунин дар бархе маворид инсон аз Худованд ҳоҷоте металабад, ки муҳтавои сура ё ояте аз Қуръон бо он чи ӯ аз Худованд металабад ҳамоҳанг аст, аз ин

---

[1] . Муфрадоти Роғиб, саҳ.71 – 72

рӯ хондани он оят ё сура барои раво шудани ҳоҷатҳо тавсия шудааст.

**Оё аҳодисе, ки дар фазилату хавосси сураҳо ва оятҳои Қуръон омада муътабар аст?**

Бархе аз ин ривоятҳо саҳеҳ ва бархе носаҳеҳ ҳастанд. Мо ба умеди ин ки Худованд он савобҳоро ба мо бидиҳад сураҳои Қуръонро мехонем.

**Бартарини сураҳо аз назари маънавӣ кадоманд?**

Ҳамаи сураҳо фазилат ва савоб дорад, вале хондани бархе аз сураҳо фазилати бештаре дорад, монанди

1. Сураи Ҳамд. Паёмбари Акрам(с) ин сураро Уммулкитоб, яъне асос ва зербинои Қуръон номидааст. Он Ҳазрат фармуданд: *Сураи Ҳамд боарзиштарин захоири ганҷҳои арши Худованд аст.*

2. Сураи Ихлос. Дар яке аз ривоятҳо мехонем: *Ҳар кас сураи Тавҳидро бихонад гӯё як севвуми Қуръонро хондааст.*

3. Сураи Бақара. Аз Паёмбар (с) пурсиданд, ки кадом яке аз сураҳои Қуръон аз ҳама бартар аст. Фармуд: *Сураи Бақара.* Гуфтанд: Кадом оят аз оятҳои сураи Бақара фазилаташ бештар аст? Фармуд: *Оятулкурсӣ.*

4. Сураи Ёсин. Оё медонед қалби Қуръон кадом сура аст? Паёмбар (с) фармуд: *Ҳар чизе қалбе дорад ва қалби Қуръон сураи Ёсин аст.*

Ҳамчунин фармуд: *Ҳар кас сураи Ёсинро бихонад хайри дунёву охират ӯро фаро мегирад ва шарри дунё ва тарсҳои охират аз ӯ дур мешавад.*

**Хондани кадом сура инсонро дар корҳояш муваффақ мекунад?**

Инсон наметавонад ба хондани Қуръон, бе амал кардан ба дастурҳои Худованд дар корҳояш муваффақ шавад. Мо бояд Қуръонро бихонем ва ба дастурҳои Худованд ҳам амал кунем, то дар дунёву охират муваффақ бошем. Муваффақият маънои васеъ дорад ва шомили муваффақиятҳои моддӣ ва маънавӣ мешавад. Масалан роҳ ёфтан ба биҳишт яке аз бузургтарин мувафақиятҳои одамӣ аст, ки дар сояи Қуръон метавон ба он даст ёфт. Пас хондани ҳамаи сураҳои Қуръон муваффақиятовар аст. Дар айни ҳол, барои муваффақияти бештар дар дунё ва охират, ба хондани бархе аз сураҳо бештар таъкид шудааст, ки ба намунаҳое ишора мекунем.

1. Сураи Ёсин. Паёмбар (с) фармуд: *Касе, ки бо ин сура ҳамдам ва ҳамроҳ бошад (ҳамеша ин сураро бихонад) ба хайри дунёву охират мерасад.*

2. Сураи Зориёт. Имом Содиқ(а) фармуд: *Ҳар касе сураи Зориётро рӯз ё шаб бихонад, Худованд вазъи зиндагии ӯро ислоҳ мекунад ва ба ӯ рӯзии фаровон медиҳад.*

3. Сураи Соффот. Имом Содиқ(а) фармуд: *Ҳар кас сураи Соффотро рӯзҳои Ҷумъа бихонад аз тамоми офатҳо дар дунё ҳифз мешавад ва дар дунё ба ӯ рӯзии бисёр дода мешавад.*

4. Сураи Воқеа. Ҳар касе сураи Воқеаро ҳар шаби Ҷумъа тиловат кунад, Худованд ӯро дӯст дорад ва дӯстии ӯро дар дили ҳамаи мардум меандозад. Ва дар муддати умраш дар ин дунё бадбахтӣ ва фақр ба ӯ рӯ намекунад. Ҳамчунин имомон(а) ба мо дастур

додаанд, ки сураҳои Мулк, Наср ва Тавҳид-ро барои муваффақияти бештар бихонем.

**Хондани кадом сура боиси оромиши рӯҳи мурдагон ва шаҳидон мешавад?**

Қироати Қуръон барои шаҳидон ва мӯъминон пеш аз он ки барои онҳо фоида дошта бошад, барои худамон судманд аст, ҳарчанд сабаби шодии рӯҳи онон ҳам мешавад.

Бархе аз сураҳое, ки хондани он барои амвот тавсия шуда, иборатанд аз; сураи Арраҳмон, Ёсин, Ҷумъа, Қадр, Нос, Фалақ, Ихлос, Мулк ва Оятулкурсӣ.

**Оё дуруст аст Қуръонро барои амвот хатм кунем ва ба маънои он таваҷҷӯҳ накунем?**

Қироати матни Қуръон савоби вижа дорад, чун Қуръон хондан, сухан гуфтан бо Худованд аст ва дар оятҳо ва ривоятҳои зиёде аз мо хоста шуда Қуръон бихонем, вале агар бихоҳем аз улум ва маорифи бекарони Қуръон баҳра бибарем, шоиста аст ба тарҷума ва дар сурати имкон ба тафсири мухтасари Қуръон таваҷҷӯҳ кунем ва саъй кунем ба муҳтавои Қуръон амал кунем ва яқинан қироате, ки ҳамроҳи тадаббур ва таваҷҷӯҳ ба маънии Қуръон бошад, хайр ва савобаш чандин баробари Қуръон хондане аст, ки дар он тадаббур ва таваҷҷӯҳ ба маънии Қуръон набошад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Қуръон хондане, ки ҳамроҳ бо тадаббур ва диққат ба маънии оятҳо набошад, хайре дар он дида намешавад.[1] Чунонки дар дуои пеш аз қироати Қуръон мехонем:

---

[1]. *Ло хайра фи қироатин ло тадаббура фиҳо.* Бурқаӣ, Муҳосин. ҷ.1, саҳ.5; Сунани Дорамӣ, ҷ.1, саҳ.89, Биҳор, ҷ.75, саҳ.75.

*Парвардигоро! Қуръон хондани манро қироате, ки ҳеҷ тадаббуре дар он нест, нагардон.*[1]

**Чаро хондани сураи Фотиҳа бо хатми Қуръон баробар аст?**

Ин посухро бо чанд нуктаи пизишкӣ шурӯъ мекунем.

1. Оё медонед зардолуи тоза 20 баробари гелос витамини О дорад? Яъне "витамини О"-и хӯрдани як кило зардолу баробар аст бо хурдани 20 кило гелос.

2. Оё медонед витамини Б2-и бодом ҳудуди 30 баробари витамини Б2 дар нок аст? Пас агар шумо як кило бодом бихӯред ба андозаи ҳудуди 30 кило нок ба бадани шумо витамини Б2 мерасад.

Худои Мутаол дар бархе рӯзҳо низ вижагиҳое қарор дода аст, ки бар дигар рӯзҳо бартарӣ доранд, мисли:

﴿ليلة القدر خير من الف شهر﴾

*"Шаби қадр аз ҳазор моҳ беҳтар аст."*

Баъзе аз оятҳо ва сураҳои Қуръон низ ҳамин гуна ҳастанд. Бархе вижагиҳои сураи Ҳамд иборатанд аз;

А. Ин сура модар ва асоси Қуръон номида шуда аст.

Б. Вақте ин сура нозил шуд шайтон сахт озурда шуд ва нола сар дод.

В. Ин сура ба хотири аҳамияте, ки дошт ду бор бар Паёмбар(с) нозил шуд.

Г. Худои Мутаол сураи Ҳамдро неъмати бузурге бар Паёмбар (с) меномад.

Д. Се асли "тавҳид", "нубувват" ва "маод" дар сураи Ҳамд баён шуда аст.

Е. Ҳамд усора ва натиҷаи кулли Қуръон мебошад.

---

[1] . Мустадрак, ҷ.4, саҳ.373.

Дар ривоят мехонем: *"Ҳар кас сураи Ҳамдро бихонад монанди шахсе аст, ки ҳамаи Қуръонро хондааст."*

**Одоби тиловати Қуръон чист?**

Одоби тиловати Қуръон зиёд аст, ки ба муҳимтарини онҳо ишора мекунем:

1. Бо таҳорат тиловат кардан

2. Мисвок задан (шустани дандонҳо) қабл аз Қуръон хондан, чунонки Паёмбари Акрам(с) дастур дода аст.

3.Гуфтани "Аъузу биллоҳи минашшайтониррачим" пеш аз қироати Қуръон. Яъне паноҳ мебарам ба Худованд аз шарри шайтони рондашуда (аз даргоҳи Худованд).

4. Хондан аз рӯи Қуръон. Ҳатто сураҳоеро, ки ҳифз ҳастем, беҳтар аст Қуръонро боз карда аз рӯи Қуръон бихонем, чунонки Паёмбар(с) фармуд: "Қироати Қуръон аз рӯи мусҳаф беҳтарин аъмоли уммати ман аст."

5. Қироат бо садои хуш. Паёмбар(с) фармуд: *Ҳар чиз зеваре дорад ва зевари Қуръон савти некӯ аст.*

6. Қироати Қуръон бо хушӯъу фурутанӣ.

7. Қироати Қуръон бо ҳузну андӯҳ. Паёмбар(с) фармуд: Ҳамоно Қуръон бо ҳузн нозил шуда аст. Бинобар ин ҳангоми қироати Қуръон гиря кунед ва агар гиря накардед, ҳолати гиря ба худ бигиред.

8. Қироат бо тартил. Худованд мефармояд:

*"Қуръонро бо диққат ва ормиш бихонед."*[1]

Набояд фаромуш кунем, ки яке аз муҳимтарин одоби тиловати Қуръон, диққат дар маънои оятҳо аст. Касе, ки дар маънои Қуръон диққат накунад, монанди

---

[1] . Сураи Муззаммил, ояи 4 ﴿ وَرَتِّلِ الْقُرْآنَ تَرْتِيلًا ﴾

донишомӯзе аст, ки иншои хуберо шумурда-шумурда ва зебо мехонад, вале маънояшро намедонад, балки тутивор мехонад. Чунин донишомӯзеро омӯзгор ба хотири шумурда – шумурда ва зебо хонданаш, таҳсин мекунад, вале вақте ба ӯ баҳои олӣ медиҳад, ки маънои навиштаҳоро ҳам бифаҳмад.

**“Тартил” чӣ маъно дорад?**

Имом Алӣ (а) дар бораи тартил фармуд: “Аттартилу таҷвидулҳуруф ва маърифатулвуқуф”

*Тартил иборат аст аз некӯ адо кардани ҳуруф ва шинохтани маҳалли вақфҳои (истодани) Қуръон.*

Ва фармуд: *Тартил, яъне онро ба таври равшан баён кун ва монанди ашъор зуд ва пушти сари ҳам нахон ва монанди донаҳои қуми пароканда (калимоти) Қуръонро пароканда махон, балки чунон бихон, ки дилҳои сангин ва хуфтаро бо он бедор кунӣ, ҳаргиз (танҳо) ҳадафи шумо ин набошад, ки ҳатман сураро ба охир бирасонӣ.*

Пас тартил, дурусту ором ва бодиққат хондани Қуръон аст.

**Кай ва чӣ қадар Қуръон бихонем?**

Шоиста аст ҳамаи мо рӯзона ҳадди ақал даҳ оят – ҳарчанд аз сураҳои кӯчаки Қуръон –бихонем, чунонки Имом Боқир (а) мефармояд: *Ҳар касе дар шаб даҳ оят аз Қуръон бихонад, аз бехабарон нахоҳад буд ва касе, ки панҷоҳ оят бихонад аз зокирон аст.*

Дар қиёмат мардум чанд даста мешаванд; як идда афроде, ки Худо онҳоро ғофил меномад. Онҳо рӯзона ҳатто даҳ ояти Қуръон ҳам намехонданд, вале касе, ки даҳ ояти Қуръон ҳар шаб мехонад дигар аз ёди Худо ғофил намемонад.

Дастаи дигар афроде ҳастанд, ки Худо онҳоро ба хотири ин ки ба ёди Ӯ будаанд таҳсин мекунад ва ҷоизаҳои хуб медиҳад. Онҳо ҳар рӯз панҷоҳ оят тиловат мекарданд.

**Дар бораи хондани Қуръон бо савти зебо бигӯед.**

Чанд нукта, ки дар зебоии савту *лаҳн* муассиранд иборат аст аз:

1. Талаффузи саҳеҳи ҳуруф ба забони арабӣ, ба вижа дар ҳуруфе, ки талаффузи форсӣ ва арабии он тафовут мекунад, монанди ظ – ط – ض – ص – غ – ع

2. Риояти қоидаҳои таҷвидӣ, мисли “идғом ва изҳор”

3. Таваҷҷӯҳ ба маъно ва мафҳуми оятҳо ва ҳамоҳанг кардани *лаҳн* бо маънои оятҳо. Масалан дар оятҳое, ки инсонро аз азоби илоҳӣ метарсонад, бояд *лаҳни* қорӣ омехта бо тарс ва гиря бошад ва дар оятҳое, ки ба мӯъминон умеди биҳишт рафтан медиҳад, бояд садои қорӣ ба гунае бошад, ки умед ба биҳишти илоҳӣ ва орзуи расидан ба он мавҷ бизанад.

4. Такрор ва тамрини хондани Қуръон ба сабки қироати як қорӣ ва то *тасаллути* комил набояд сабк иваз шавад. Пас як касети қироати охири ҷузъи сиюми Қуръонро, аз яке аз қориёни муътабар интихоб ва чандин бор ба қироати як сура гӯш кунед, он гоҳ саъй кунед ҳамроҳи навор бо устод такрор кунед ва сипас ҳамон сураро худатон бе навор – монанди устод – бихонед ва он қадар ин тамринро идома бидиҳед, то битавонед ҳамонанди сабки он устод қироат кунед.

5. Ғизоҳое, ки барои садо ва ҳанҷараҳои савтӣ зиён дорад, мисли туршиҳо ва ғизоҳои тез нахуред.

**Оё хондани Қуръон бо сурати тарона ва суруд дуруст аст?**

Беҳтар аст мо Қуръонро бо савти зебо бихонем, на ба сурати суруд ва тарона, зеро агар Қуръон хондан ба гунае бошад, ки "ғино" мисли таронахонҳое, ки барои рақси дигарон овоз мехонанд бошад, на танҳо савоб надорад, балки ҳаром аст ва Худованд чунин қуръонхонеро азоб мекунад.

**Беҳтарин вақт барои хондани Қуръон кай ҳаст?**

Қуръон хондан, ҳамеша хуб аст, аммо вақтҳои зер барои қироат беҳтар аст;

1. Субҳу шаб. Ҳазрати Паёмбар (с) фармуд:

*Касе, ки дар шаб, даҳ оят аз Қуръон бихонад дар зумраи гофилон (аз ёди Худо) нахоҳад буд.*

Имом Ризо (а) фармуд: *Сазовор аст барои одамӣ, ки вақти намози субҳ ва таъқиби намозаш панҷоҳ оят аз Қуръон бихонад.*

2. Дар моҳи муборакн Рамазон хондани як оят, савоби хатми Қуръон дар дигар моҳҳоро дорад.

3. Шабу рӯзи ҷумъа. Дар баъзе аз ривоёт омадааст, ки савоби корҳои хуб (аз ҷумла Қуръон хондан) дар рӯзи ҷумъа чанд баробар аст. Албатта аз байни сураҳои Қуръон дар шабу рӯзи ҷумъа Каҳф, Ёсин, Воқеа, Ҷумъа бештар таъкид шудааст.

**Чаро дар аввали баъзе аз сураҳои Қуръони Карим қабл аз Бисмилоҳирраҳмонирраҳим такбир мегӯянд?**

Бархе аз донишмандон муътақиданд, ки аз сураи "Зуҳо" то поёни Қуръон метавон дар ибтидо ё интиҳои сура такбир гуфт.

Дар замони Паёмбар (с) муддате буд, ки ваҳй қатъ шуда буд ва ҳеҷ оят ва сурае бар Паёмбар (с) нозил намешуд ва Паёмбари Акрам(с) нороҳат буд. Пас аз муддате Ҷабраил(а) бар Паёмбари Акрам(с) сураи "Зуҳо"-ро овард. Тарҷумаи аввалини оятҳо чунин аст:

*"Қасам ба рӯз ва он ҳангоме ки офтоб барояд. Ва савганд ба шаб, ҳангоме ки ором гирад. Парвардигорат туро раҳо накарда ва мавриди хашм қарор надодааст."*

Гӯянд: Ҳангоме ки Ҷабраил, ин сураро хонд, Расули Худо (с) аз хушҳолӣ такбир гуфт ва сипас тиловати ин сураро оғоз кард. Бинобар ин шоиста аст дар ин маврид Паёмбар (с) сармашқ бошад ва такбир бигӯем. Чунон ки илова бар Аллоҳу акбар, муносиб аст "Ло илоҳа иллаллоҳ" ва "Алҳамдулиллоҳ" низ ба тартиби "Ло илоҳа иллаллоҳ валлоҳу акбару ва лиллоҳил ҳамд" гуфта шавад.

**Чаро қориён дар поёни қироати Қуръон "Садақаллоҳулалиюлазим" ё "Садақаллоҳулазим" мегӯянд?**

Ҳар ду зикри мустаҳабӣ ҳастанд, ки дар поёни қироати Қуръон хонда мешаванд.

Ҳарчанд ҳар ду иборати "Садақаллоҳулазим" ва "Садақаллоҳулалиюлазим" дар ривоятҳо омадааст, вале дуюмӣ комилтар ва баргирифта аз ривоятҳо буда ва дар Қуръон низ омадааст. Яке аз оятҳое, ки дар он "Алиюлазим" барои Худованд ба кор рафта Оятулкурсӣ аст. Агар Оятулкурсиро ҳифз ҳастед як бор бихонед, то ба ин калима бирасед ва агар ҳифз нестед ояи 255 Бақараро бихонед, ки ҳамон Оятулкурсӣ аст.

**Беҳтарин қориёни Қуръон чӣ касоне ҳастанд?**

Беҳтарин қуръонхон ва қорӣ касе аст, ки

1. Тиловаташ фақат барои ризояти Худо ва муқаддимаи амал ба Қуръон бошад. Худо мефармояд:

*"Ин китоби муборак аст, ки онро ба сӯи ту нозил кардем то дар (бораи) оятҳои он бияндешед ва хирадмандон панд гиранд."*[1]

2. Одоби тиловати Қуръонро риоят кунад.

3. Қуръон хонданаш доимӣ бошад. Дар ин сурат мардум орзу мекунанд монанди ӯ бошанд.[2]

4. Қуръон биёмӯзад ва ба дигарон ёд диҳад. Паёмбар (с) фармуд: *"Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро биомӯзад ва ба дигарон ёд бидиҳад"*.[3]

**Беҳтарин тартилро кадом қорӣ хондааст?**

Номи бархе аз қориёнеро, ки тартил хонданд:

1. Устод Муҳаммад Сиддиқ Миншовӣ
2. Устод Саъди Ғомидӣ
3. Устод Шаҳриёри Парҳезкор
4. Устод Саид Муртазо Содоти Фотимӣ
5. Устод Абдулвадуд Ҳаниф
6. Устод Аҳмад ибни Амин Аҷамӣ
7. Доктор Муҳаммад Аюб
8. Устод Шотирӣ
9. Устод Халил Ҳусарӣ

**Бо чӣ равише хондани Қуръонро биомӯзем?**

Бояд бидонем, ки хостан тавонистан аст.

Мароҳили омӯзиши Қуръон:

---

[1]. Сод, ояти 29.

[2]. Биҳор, ҷ.89, саҳ.198.

[3]. Райшаҳрӣ, Мизонулҳикмат ҷ.2, саҳ.2521.

1. Рӯхонӣ. Дар ин марҳила қуръономӯз бо алифбои забони арабӣ, ҳарфҳо ва ҳаракот ва чанд қоида аз қоидаҳои осон, ошно мешавад.

2. Равонхонӣ. Баъд аз он ки тамоми қоидаҳои рӯхониро ёд гирифтед ва ба андозаи кофӣ бахш–бахш хондани оятҳоро ёд гирифтед, талош кунед калимаҳоро комилу дуруст ва равон бихонед.

3. Таҷвид. Ин марҳила ҳатман ба устод ниёз дорад.

**Оё риоят накардани таҷвид ишкол дорад?**

Риоят кардани нукоти таҷвидӣ ҳама ҷо хуб аст, вале гоҳе бояд ҳатман риоят шавад. барои аҳамияти қоидаҳои таҷвидӣ ба ин мисол диққат кунед: яке аз қоидаҳои қироат ва таҷвид, вақф аст, яъне ҷое, ки қорӣ метавонад вақф кунад ва нафас тоза кунад ва ҷое, ки наметавонад таваққуф кунад. Мо дар забони форсӣ барои таваққуфи кӯтоҳ аломати вергул (,) ба кор мебарем. бубинед як таваққуфи кӯтоҳ чигуна метавонад маънои ҷумларо иваз кунад. Масалан қозӣ барои муттаҳаме навишт: “Афв лозим нест эъдомаш кунед“ ин ҷумларо ду гуна метавон хонд;

1. ″Афв, лозим нест эъдомаш кунед “

2. ″Афв лозим нест, эъдомаш кунед”

Агар пас аз “афв” таваққуф кунем ва онгоҳ “лозим нест эъдомаш кунед” бо ҳам бихонем маънои ҷумла ин мешавад, ки қозӣ, муттаҳамро афв кард пас набояд эъдом шавад. Вале агар баъд аз калимаи “нест“ таваққуф кунем, маънои ҷумла ин мешавад, ки “афв лозим нест” яъне набояд муттаҳам бахшида шавад, сипас идома медиҳад “эъдомаш кунед“.

Дар забони арабӣ ҳам ин гуна аст. Гоҳе риоят накардани вақфи лозим, маънои оятро баракс

мекунад. Ба унвони мисол ояти 36 сураи Анъом чунин аст; ﴿إِنَّما يَسْتَجيبُ الَّذينَ يَسْمَعُونَ وَ الْمَوْتى يَبْعَثُهُمُ اللَّهُ ثُمَّ إِلَيْهِ يُرْجَعُونَ﴾

ки пас аз "يَسْمَعُونَ " вақф лозим аст, вале баъд аз калимаи "الْمَوْتى" вақф ҷоиз нест.

Ҳол агар касе оятро дуруст бихонад ва дар ҷое, ки лозим аст вақф кунад ва дар ҷое, ки ҷоиз нест вақф накунад, маънои дурусти оят ин хоҳад буд; "танҳо касоне даъвати туро иҷобат мекунанд, ки гӯши шунаво доранд ва Худованд мурдагонро дар (қиёмат) бармеангезад ..." вале агар касе қоидаи вақфро риоят накунад ва баъд аз "الْمَوْتى" таваққуф кунад, маънои оят дигаргун мешавад.

Пас дар мавориде, ки риоят накардани нукот ва қоидаҳои таҷвидӣ сабаби тағйири маънои оятҳо ё талаффузи нодурусти калимаҳо ва ҳарфҳо шавад, лозим аст қоидаҳо ва нукоти таҷвидӣ риоят шавад ва дар ғайри ин сурат риояти он қоидаҳо лозим нест.

**Ҳарфҳои ҳалқиро таъриф кунед.**

Як шеъри зебо бароятон менависам, талош кунед онро ҳифз кунед ва сипас бинависед, ки ҳарфҳои ҳалқӣ кадом ҳарфҳо ҳастанд.

*Ҳарфи ҳалқӣ шаш бувад эй нури айн,*

*Ҳову ҳамза, ҳову хову айну ғайн.*

Оё медонед донистани ҳарфҳои ҳалқӣ чӣ фоидае дорад? Дар поёни бисёре аз ҳарфҳои арабӣ танвин ё нуни сокин қарор дорад; монанди «من» ва «سميعٍ». Ҳол агар калимае, ки аввалаш яке аз ҳарфҳои ҳалқӣ аст, баъд аз калимае биёяд, ки дар охираш танвин ё нуни сокин аст, бояд танвин ва нун хонда шавад, вале агар

калимае, ки бо ҳарфҳои ҳалқӣ оғоз нашавад, танвин ё нун тағйир мекунад, ки дар посухҳои баъдӣ, бархе аз ин таъғйиротро менависам.

Ҳоло барои ошноии бештари шумо, ибтидо ҳарфҳои танвин ва нуни сокинро бо ҳарфҳои ҳалқӣ машқ мекунем; ان هو- من امرهم- سميعٌ عليم

Пас танвин ва нуни сокин ба дурустӣ хонда шуданд, вале агар танвин ва нуни сокин бо бархе дигар аз ҳарфҳо бошанд, гоҳе бо он ҳарф идғом мешаванд ва гоҳе нун ба мим табдил мешавад, монанди: مَن يَهدی ки мехонем مَيّهدی .

**Идғоми боғунна ва беғунна чист?**

Ба ин рубоӣ диққат кунед:

*Танвину нуни сокина ҳукмаш бидон эй марди кор,*
*К-аз ҳукми ӯ зинат бувад андар каломи Кирдигор.*
*Изҳор кун дар ҳарфи ҳалқ, идғом кун дар ярмалун,*
*Мақлуб кун дар ҳарфи бо, дар мобақӣ ихфо бидор.*

Изҳор дар ҳарфҳои ҳалқро дар посухи қаблӣ тавзеҳ додам, инак идғом.

Гоҳе дар поёни калимаи танвин ва нуни сокин калимае меояд, ки аввали он яке аз ҳарфҳои ی ر م ل و ن аст. Дар чунин мавориде нун ва танвин бо ин ҳарф идғом мешавад, яъне нуни сокин ба ҳарфе, ки баъд аз он омада табдил мешавад ва сипас бо ташдид хонда мешавад. Ба мисолҳои зер диққат кунед;

| * | ҳарфҳо | мисол | хонда мешавад |
|---|---|---|---|
| 1 | ی | من يهدی | مَيَّهدی |
| 2 | م | من مال | مِمّال |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | واو | من وجد | مَوَّجد |
| 4 | ر | من ربكم | مِرَّبكم |

Бо таввачӯҳ ба мисолҳои боло метавонед ба идғом дар ҳарфҳои "يرملون" ошно шавед.

Дар чаҳор ҳарфи аввалӣ, яъне ё, мим, вов ва нун (يمون) идғом бо ғунна аст, яъне ҳарфе, ки идғом шуда аст аз бинӣ хориҷ мешавад ва бо кашиш хонда мешавад, вале дар ду ҳарфи ( ل ва ر ) идғом беғунна аст. Яъне садо аз бинӣ хориҷ намешавад ва кашиш ҳам надорад.

**Чаро бар рӯи бархе аз калимаҳо, ҳарфҳои "ج" "ح" "ط" мегузоранд?**

Ба ин ҳарфҳо аломати вақф мегӯянд. Хуб медонед, ки инсон наметавонад, як саҳифаи китобро бо як нафас бихонад, балки пас аз хондани чанд калима, бояд нафас бикашем ва сипас бихонем. Ба ҳамин истодан "вақф" мегӯянд. Вақф ва аломатҳои он ба чанд даста тақсим мешавад:

1. Ҷойҳое, ки бояд вақф кунем. Дар чунин мавридҳо аз ҳарфи "م" истифода мешавад, ҳарфи "م" охирин калимаи лозим аст. Яъне вақф (истодан) лозим аст. Дар бархе аз Қуръонҳо ба ҷои "م" аломати "قف" аст.

2. Ҷойҳое, ки набояд вақф кунем, аз ҳарфи "لا" истифода мешавад. Дар чунин ҷойҳо агар нафас кам омад ва истод, пас аз нафаси нав кашидан бояд баргардад ва ба сурати васл бихонад.

3. Ҷойҳое, ки қорӣ метавонад биистад ё наистад. Ин вақфи ҷоиз аст ва аломати он "ج" аст.

4. Ҷое, ки истодан ҷоиз аст, вале қорӣ беҳтар аст вақф накунад ва агар нафас дорад, ба қироати худаш идома диҳад. Аломати “صلی” яъне васл беҳтар аст.

5. Ҷое, ки вақф ҷоиз аст ва беҳтар аст қорӣ вақф кунад. Аломати “قلی ” яъне вақф беҳтар аст.

6. Дар бархе аз ҷойҳо, бар ду калимаи наздик ба ҳамдигар се нуқта “...” қарор медиҳанд яъне агар дар калимаи аввалӣ вақф кардед, дар калимаи дувум набояд вақф кунед, мисли ояти 2 сураи Бақара: ذٰلِكَ الْكِتابُ لا رَيْبَ فيهِ هُدىً لِلْمُتَّقى ҳоло агар баъд аз لا رَيْبَ вақф кунед, набояд пас аз فيهِ вақф кунед.

Он чи гузашт муҳимтарин аломатҳои вақф аст. Дар бархе аз Қуръонҳо ба ҷои “صلی” аломати “ص” ё ” ز” ба кор меравад; яъне васл беҳтар аст ва ба ҷои “قلی”, “ق” ба кор рафта аст.

Нуктаи муҳим он аст, ки вақф бар поёни ҳар оят - ҳатто агар ҷумла ноқис бошад- суннат аст, яъне дар поёни оятҳо ҳарчанд аломати “لا” дошта бошад метавон вақф кард.

**Сакт дар Қуръон чист ва чигуна онро бихонем?**

Дар посухи қаблӣ, ки дар бораи вақф буд хондем, ки дар бархе аз мавориди лозим аст вақф кунем. Дар бархе калимаҳо ниёз ба вақфи комил нест ва аз тарафе, агар пушти сари ҳам хонда шавад, мумкин аст маънои ҷумла дигар шавад –қориён кутоҳ меистанд ва бе нафас кашидан, ба қироат идома медиҳанд, ки ба он сакт гуфта мешавад – ҷойҳои сакт дар 4 ҷои Қуръон аст, ки ҷойҳои онро метавонед дар китобҳои таҷвид

бихонед.Чунонки дар Қуръонҳо низ дар ҳошияи ҷойҳое, ки мавориди сакт аст, навиштаанд “سكته”.

Аломатҳои * (ситорача) ва хатти болои оят чист?

Аломати ситора (*) барои таъйини оғози ҷузъҳо ва ҳизбҳо ё нисфи ҳизб ё як чоруми ҳизб аст. Пас аломати боло дар ибтидои ҳамаи ҷузъҳои Қуръон ва аввали ҳамаи ҳизбҳо ва байни ҳизб ва як чаҳоруми ҳизб ва се чаҳоруми Қуръон омадааст.

Аломати хатти болои оят ба маънои саҷда аст, ки дар 14 ҷои Қуръон омадааст ва воҷиб аст пас аз хондани оят саҷда кунем.

**Чигуна Қуръонро хуб ҳифз кунем?**

Паёмбари Акрам (с) ва Аҳли байташ барои ёдгирӣ ва ҳифзи Қуръон таъкиди зиёде кардаанд. Барои ин кор ба чанд нуктаи бисёр муҳим диққат кунед:

1. Аз ҳамон ибтидо тасмим бигиред, Қуръонро танҳо барои ризои Худо ҳифз кунед, на барои ин ки дигарон хушашон биёяд ё дар мусобиқа ҷоиза бигиред.

2. Дар ҳама корҳо ба вижа дар ин роҳ аз Худо кӯмак бихоҳед ва дуо кунед Худо ба шумо тавфиқи ҳифзи Қуръон иноят кунад.

3. Сайъ кунед ҳангоми ҳифзи Қуръон бо вузӯ бошед.

4. Қуръонро зери назари устоде, ки худаш ҳофизи тамоми Қуръон ё ҳадди ақал бахшҳои зиёде аз Қуръон аст ҳифз кунед.

5. Ҳифзи Қуръонро аз ҷузъи 30-и Қуръон шурӯъ кунед, зеро сураҳои кӯчактаре дорад.

6. Доим ҳифз кунед, на ин ки чанд рӯзе ба дарси ҳифз биравед, вақте каме кори ҳифз ҷиддӣ шуд, онро раҳо кунед.

7. Барои ҳифз, барномарезӣ кунед ва саъй кунед ҳар рӯз дар соатҳои муносиб Қуръон ҳифз ва такрор кунед.

8. Кам, вале хуб ҳифз кунед. Дар оятҳои кӯтоҳ, ҳифзи оят ба оят ва дар оятҳои миёна ва дароз, ҳифзи ҷумла ба ҷумла муносиб аст.

9. Дар замони оромиши фикрӣ Қуръон ҳифз кунед.

10. Қуръонро дар ҷои ором ва бе садо ҳифз кунед.

11. Дар ҳоли роҳ рафтан, Қуръон ҳифз накунед, балки дар маҳалли муносибе ва дар сурати имкон рӯ ба қибла бинишинед.

12. Аз як Қуръони мушаххас истифода кунед.

13. Андозаи Қуръон миёна бошад, чунки агар кӯчак бошад мумкин аст иштибоҳ қироат ва ҳифз кунед ва зуд хаста мешавед ва агар беш аз ҳадди маъмулӣ бошад, илова бар ин ки ҳамлу нақли он каме мушкилтар аст, ҷойгирии тасвири саҳфа дар зеҳн низ мушкил аст.

14. Ҳангоми ҳифз оятҳоро бо садои миёна қироат кунед, то илова бар чашм, гӯши шумо низ ба ҳифз кӯмак кунад.

15. Барои аз байн бурдани иштибоҳот, онҷиро ҳифз кардаед барои дигарон бихонед. Ба ин манзур падару модар, хоҳару бародар ё яке аз ақвом ё дӯстонатон, ки метавонанд Қуръонро ба хубӣ бихонанд, Қуръонро ба даст мегиранд ва ба қироати шумо, ки аз ҳифз мехонед гӯш медиҳанд ва иштибоҳоти эҳтимолиро ба шумо ёдоварӣ мекунанд. Ин кор яке аз роҳҳои муҳимми такрори маҳфузот ва ислоҳи иштибоҳоти эҳтимолӣ аст.

16. Илова бар он чи дар банди 15 гузашт, худатон низ оятҳои ҳифзшударо мураттаб такрор кунед. Барои ин кор метавонед дасти худатон ё тикаи коғазеро рӯи оятҳо бигзоред ва ҳангоми қироат кам-кам дасти худро канор бикашед то бубинед дуруст мехонед ё не?

17. Саъй кунед ҳангоми ҳифз, тарҷумаи оятро низ ёд бигиред.

18. Дар фурсатҳои мухталиф ба вижа шаб, ҳангоми хобидан, ба наворҳои тартил гӯш кунед ва ҳангоме ки қории Қуръон мехонад шумо низ бо ӯ такрор кунед ва бикӯшед макони оятро дар Қуръон ба хотир биёваред, ки масалан ояте, ки мехонед болои сафҳа аст ё васати сафҳа ё поёни сафҳа? Дар тарафи рост аст ё саҳфаи самти чап.

19. Саъй кунед оятҳоро бо шумораи онҳо ҳифз кунед.

20. Аз ғизоҳои матбӯъ, пуркалорӣ, муносиб ва ба мавқеъ истифода кунед.

**Оё шумораи оятҳоро ҳифз кунем? Чигуна?**

Оре, беҳтар аст шумораи оятҳоро ҳам ҳифз кунем. Ҳифзи Қуръон бо шумораи оят ҳарчанд мушкилтар аст, фоидаҳои зиёде ҳам дорад. Масалан агар ҳофизи Қуръон дар вақти тиловат, оятеро фаромӯш кунад, бо ба ёд овардани шумораи оят, матни оят низ ба хотираш меояд. Дигар ин ки ҳангоме ки оётро аз ҳифз мехонад, шумораи оятҳоро низ дар зеҳни худаш мегузаронад, аз ин рӯ дар оятҳои мушобеҳ ё ҷумлаҳои муштарак камтар иштибоҳ мекунад.

Барои ҳифзи шумораи оят метавонед чунин кунед:

А. Замони ҳифз шумораи оятҳоро ҳам ба хотир бисупоред ва замони такрор шумораи оятҳоро ҳам такрор кунед.

Б. Вақте як сафҳа Қуръонро ҳифз кардед, саъй кунед бо таваҷҷӯҳ ба шумораи оятҳо, ибтидои ҳар оятро бихонед, масалан агар сафҳаи севуми Қуръон бо хатти Усмон Тоҳоро ҳифз кардед, ҳангоми такрор шумораи оятҳоро бигӯед:

Инналлазина кафару ...

Хатамаллоҳ ...

Ва минаннос ...

ва ҳаминтавр то поёни Қуръон.

Ёдатон бошад, ки шумораи оят дар поёни оят навишта шудааст.

В. Ибтидои оятҳоро дар як тарафи коғаз ва шумораи оятро дар муқобили он бинависед ва ҳамонанди ҳифзи тарҷумаи луғатҳо, шумораи оятҳоро низ ҳифз кунед.

Г. Вақте теъдоди оятҳое, ки ҳифз кардаед, ба миқдори қобили таваҷҷӯҳе расид, аз ҳар панҷ оят, як оят аз шумораи оятҳоро тамрин кунед. Масалан барои оятҳои аввали сураи Бақара бигӯед:

Улоика ало ҳудам...

Фи қулубиҳим мараз...

Аллоҳу ястаҳзиу биҳим... ва ҳамин тавр.

Ҳамчунин метавонед оятҳои аввали ҳар саҳфаро такрор кунед. Масалан барои оятҳои аввали сураи Бақара мегӯед:

Саҳифаи 2. Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим

Саҳифаи 3. Инналлазина кафару...

Саҳифаи 4. Масалуҳум камасалиллази... ва ....

Умедворам бо ин кор битавонед Қуръонро бо шумораи оятҳои он ҳифз кунед.

Роҳҳои тақвияти ҳофиза (зеҳн) чист то беҳтар битавонем Қуръонро ҳифз кунем?

Роҳҳои зер тавсия мешавад:

А. Хондани намози "ҳифзи Қуръон"

Б. Хондани дуои "ё ҳайу ё қайюм фало яфуту шайан илмуҳу ва ло яудуҳ." ва Оятулкурсӣ баъди намози субҳ

2. Қуръон зиёд бихонед.

В. Хурдани меваҳо ва ғизоҳое, ки боиси зиёд шудани ҳофиза мешавад, махсусан мева ва ғизое, ки дорои калсиюм, фосфор ва менизим ҳастанд.

**Номҳои теъдоде аз ҳофизони Қуръон дар замони Расули Акрам(с)-ро бинависед.**

Бисёре аз ёрони Паёмбар(с), Қуръонро ҳифз буданд мисли

1. Алӣ ибни Абӯтолиб (к)
2. Усмон ибни Аффон (рз)
3. Зайд бини Собит (рз) (писархондаи Паёмбар (с))
4. Абдуллоҳ ибни Масъуд (рз).
5. Абӯдардо(рз).[1]

**Чаро номи китоби осмонии мо мусулмонон "Қуръон" аст? Маънои Қуръон чист?**

Ҳамонгуна ки медонед Худои Бузург дар бисёре аз оятҳо, китоби осмонии моро "Қуръон" номидааст, чунон ки мефармояд: *"Ва Қуръонро ҷузъ-ҷузъ бар ту фиристодем, ки ту низ бар уммат ба тадриҷ қироат кунӣ ва онро ба тадриҷ нозил кардем."*[2]

---

[1] . Раҷабалии Мазлумӣ, Пажӯҳише перомуни охирин китоби илоҳӣ, ҷ.1, саҳ. 36-37.

[2]. Исро, ояти 106.

Барои он ки бидонед чаро номи китоби осмонии мо Қуръон аст, ба ин калимоте, ки ҳамхонаводаи Қуръон аст ва ба маънои онҳо таваҷҷӯҳ кунед: “қироат”, “қорӣ”, “қориён”, “қурроъ”.

Решаи ҳамаи ин калимот “қараа” мебошад, ки ба маънои хондан аст. Худованд низ дар аввалин ояте, ки бар Паёмбар(с) нозил кард фармуд: “Иқраъ” яъне бихон.

Оре, чун китоби илоҳӣ хонданист, ба он “Қуръон” гуфта мешавад, чунонки ба чизе, ки навиштанист, “китоб” гуфта мешавад.

Худо Қуръонро муъҷизаи хонданӣ қарор дода аст, то мо бихонем ва аз оятҳояш панд бигирем. Қуръон ба ростӣ “хонданӣ” аст. Қуръон рӯзномае нест, ки як бор мурур шавад ва канор гузошта шавад, китоби достон нест, ки як бор хонда шавад ва хондани дубораи он такрорӣ ва малоловар бошад, китоби таърих ва ҷуғрофӣ ҳам нест, ки барои имтиҳони поёни сол як давраи комил онро бихонем ва пас аз имтиҳон ҳавсала надошта бошем, ҳатто онро варақ бизанем.

Қуръон “китоби хонданӣ” аст! Бояд ба фармудаи Худо: Ҳар вақт ва ҳарчӣ қадр, ки метавонем бихонем.[1]

**Оё Қуръон номи дигаре ҳам дорад?**

Донишмандон бо таваҷҷӯҳ ба оятҳои Қуръон ва ривоятҳои исломӣ беш аз 90 ном ё сифат барои Қуръон баён кардаанд. Ман дар зер чанд оят бароятон менависам, сипас бо таваҷҷӯҳ ба тарҷумаи оят равшан мешавад, ки оят ба кадом ном ё сифати Қуръон ишора шуда аст:

---

[1]. Муззаммил, ояти 20.

*“Бузург (ва хуҷаста) касе аст, ки бар бандаи худ “Фурқон”-ро нозил кард, то барои ҷаҳониён ҳушдордиҳанда бошад.”* [1]

Пас номи дигари Қуръон “Фурқон” аст.

*“(Ин) китоби муборак аст, ки бар ту нозил кардем.”*[2]

Пас номи дигари Қуръон "Китоб" ва “Муборак” аст.

*Ва ин (Қуръон) зикри мубораке аст, ки нозил кардем...*[3]

Пас номи дигари Қуръон “Зикр” аст.

Бархе дигар аз номҳо ва сифатҳои Қуръон иборатанд аз; Танзил, Ҳадис, Мавъиза, Тазкира, Зикро, Баён, Ҳудо, Шифо, Ҳаким, Ҳикмат, Муҳаймин, Ҳодӣ ва Нур.

**Барои даъвати дигарон ба сӯи Қуръон чӣ кунем?**

Беҳтарин роҳи тарвиҷи оятҳои Қуръон ин аст, ки ибтидо худамон бо Қуръон унс дошта бошем ва ба ҷои ин ки бо забон мардумро ба Қуръон даъват кунем, бо кирдор ва амалҳои худамон мардумро даъват кунем.

Назди имом ҷамоати масҷиди маҳалла ё яке дигар аз уламо биравед ва аз ӯ бихоҳед барои шумо тарҷума ва тафсири Қуръонро омӯзиш диҳанд.

**Чигуна бо Қуръон маънус шавем?**

Фарз мекунем аз як мактаб, ба мактаби дигар барои таҳсил равед, ки бо ҳеҷ як аз талабаҳо ошно нестед. Ҳол барои ин ки бо яке аз онҳо унс гирифта ва дӯсти самимӣ шавед, чӣ мекунед? Бале, ба тавври хулоса назди ӯ меравед ва хеле кутоҳ худатонро шинос мекунед, сипас талош мекунед ӯро бишносед. Агар эҳсос кардед дӯстони хубе метавонед бошед, алоқа ба

---

[1]. Фурқон, ояти 1.

[2]. Сод, ояти 29.

[3]. Анбиё, ояти 5.

ӯро дар худатон зинда нигаҳ медоред, он гоҳ саъй мекунед дар аввалин фурсати муносиб бо ӯ гуфтугӯ кунед. Он чиро дӯст надорад анҷом намедиҳед ва кам-кам бо идомаи гуфтугӯ дӯстӣ ва улфати шумо бештар ва бештар мешавад. Ба назар мерасад барои унс бо Қуръон ҳам битавон ҳамин роҳро рафт. Гомҳои аслӣ барои унси бо Қуръон иборатанд аз:

1. Шинохти Қуръон
2. Алоқа ба Қуръон
3. Сухан гуфтан бо Қуръон
4. Анҷом додани ончи ӯ дӯст дорад ва тарк кардани ончи Қуръон дӯст надорад.

Пас бояд Қуръон хонданро ёд бигирем ва саъй кунем маъноии оятҳоро бифаҳмем, то битавонем бо Қуръон сухан бигӯем ва фоидаи комил бибарем. Албатта фарқи сухан гуфтан бо Қуръон, бо сухан гуфтан бо дигарон ин аст, ки агар Қуръон бихонем, ҳарчанд маънои онро нафаҳмем, Худованд ба мо савоб медиҳад, вале агар бихоҳем ба фармудаҳои Қуръон амал кунем, бояд бифаҳмем Қуръон чи мефармояд, то ба он амал кунем.

**Қуръон чанд оят дорад?**

Бештари донишмандон муътақиданд Қуръон дорои 6236 оят аст. Ҳадисе аз ҳазрати Алӣ (к) низ ин ададро таъйид мекунад.[1]

**Чаро дар бораи теъдоди оятҳои Қуръон ададҳои мутафовитеро мегӯянд?**

Ихтилоф дар бораи теъдоди оятҳои Қуръон ба чанд далел аст, ки ду далели онро бароятон менависам:

[1]. Таботабоӣ, Қуръон дар Ислом, саҳ. 145-146.

А. Вақте Паёмбар(с) Қуръон мехонд, ҳар гоҳ ояте тамом мешуд, Паёмбар (с) вақф[1] мекард ва ёрони ӯ мефаҳмиданд, ки оят тамом шуда аст. Дар мавориде низ мумкин буд, ки Паёмбар (с) дар қироатҳои баъдӣ, ду оятро пушти сари ҳам ва бе таваққуф бихонанд ё дар байни ояте ба вижа оятҳои тӯлонӣ вақф кунад. Дар ин гуна маворид, дар ҷое, ки Паёмбар (с) байни як оят вақф мекарданд, иддае он як оятро ду оят ва агар дар ҷое ду оятро пушти сари ҳам мехонданд, иддае ду оятро як оят ҳисоб мекарданд, ба ин далел дар теъдоди оятҳои Қуръон ихтилоф пайдо шуд, ҳарчанд ҳамаи мусулмонон дар асли Қуръон ва сураҳо ихтилофе надоранд.

Б. Ихтилофи салиқаи қориён ва нависандагони Қуръон. Дар бархе аз маворид низ нависандагони Қуръон, дар ҷое, ки макони оят нест, шумораи оят мегузоштанд ва дар ҷое, ки макони оят аст, шумораи оят намегузоштанд, масалан шуморагузории оятҳо дар Қуръон бо расмулхатти Мисбоҳзода дар сураи "Намл" чунин аст:

﴿بسم الله الرحمن الرحیم طس تلک آیات القرآن و کتاب مبین﴾ (2)

Дар Қуръони расмулхатти Усмон Тоҳо чунин аст:

﴿بسم الله الرحمن الرحیم طس تلک آیات القرآن و کتاب مبین﴾ (1)

Чунон ки мебинед матни Қуръон, тафовуте надорад, вале дар шумораи оятҳо ихтилоф аст.

**Чанд "Бисмиллоҳирраҳмониррраҳим" дар Қуръони Карим ҳаст?**

[1]. Маънои вақф, қаблан дар бахши қироат омада аст.

Медонед, ки ҳамаи сураҳои Қуръон, ба ҷуз сураи Тавба бо Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим шурӯъ мешавад.

Сураи Намл ду Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим дорад. Ҳоло худатон ҳисоб кунед. Пас Қуръон 114 "Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим" дорад.

**Номи кадом сураҳо ба номи ҳайвонот аст?**

Ба ҷадвали зер диққат кунед:

| **Шумора** | **Ном** | **Маъно** |
|---|---|---|
| 2 | Бақара | Гови мода |
| 6 | Анъом | Чаҳорпоён |
| 16 | Наҳл | Занбӯри асал |
| 27 | Намл | Мӯрча |
| 29 | Анкабут | Тортанак |
| 100 | Одиёт | Аспони даванда |
| 105 | Фил | |

**Сурае, ки дар тамоми оятҳояш калимаи "Аллоҳ" омада аст, кадом аст?**

Сураи мавриди назари шумо панҷоҳумин сураи Қуръон аст ва ҳоло худатон ба Қуръон мурочеа карда ва сураи мавриди назарро пайдо кунед.

Сураи Муҷодила дар Қуръонҳои хатти Усмон Тоҳо аз сафҳаи 542 оғоз мешавад.

**Сурае, ки ба номи ҳашараест, ки беҳтарин ғазо аз он ба даст меояд, кадом аст?**

Ба умеди ин ки ояндаи шумо монанди асал ширин бошад ва барои ин ки аз маорифи Қуръон бештар истифода кунед, ба тарҷумаи ду оят аз сураи Наҳл диққат кунед ва фаромӯш накунед, ки Наҳл ба маънои занбӯри асал аст.

*"Ва Парвардигори ту ба занбӯри асал ваҳй (илҳоми гаризӣ) намуд, ки аз кӯҳҳо ва дарахтон ва дорбастҳое, ки (мардум) месозанд, лонаҳое интихоб кун, сипас аз тамоми самарот (ва ширҳои гулҳо) бихӯр ва роҳҳое, ки Худованд барои ту таъйин карда аст, бипаймо. Аз даруни шиками он, нӯшидание бо рангҳои мухталиф хориҷ мешавад, ки дар он (асал) шифо барои мардум аст, ба яқин дар ин амр нишонаи равшане барои андешаварон аст."* [1]

**Чӣ сурае дар бораи асҳоби ямин ва шимол тавзеҳ дода аст?**

Яке аз сураҳое, ки дар он аз асҳоби ямин (биҳиштиён) ва асҳоби шимол (ҷаҳаннамиҳо) сухан гуфта аст, сураи 56 Қуръон аст. Паёмбар(с) дар бораи ин сура фармуд: *Ҳар кас ин сураро ҳар шаб бихонад, ҳаргиз муҳтоҷ нашавад.*

Аз шумо мехоҳам сураи Воқеаро бихонед, то ба савоби қироати Қуръон ноил шавед. Ҳоло бубинед дар кадом оятҳои ин сура аз асҳоби ямин ва асҳоби шимол сухан ба миён омада аст.

Сураи дигар сураи Балад аст. Имом Содиқ(а) фармуд: *Ҳар кас ин сураро бихонад, дар қиёмат рафиқи паёмбарон ва шаҳидон ва солеҳон хоҳад буд.* Ояти 18 ва 19 ин сура аз асҳоби маймана, ки киноя аз биҳиштиён аст ва асҳоби машъамаҳ, ки киноя аз ҷаҳаннамиҳо аст, сухан гуфта аст.

---

[1]. Наҳл, ояти 68-69.

**Сураеро ном бибаред, ки номи меваест ва Худованд ба он қасам хӯрда аст?**

Посухи шумо сураи 95 Қуръон аст ва маънои он Анҷир мебошад, ҳол худатон сураи мавриди назарро пайдо кунед.

**Кадом сураи Қуръон ба ғайр аз "Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим" ҳеҷ ҳарфи мим надорад?**

Агар сураи Кавсарро як бори дигар бихонед, хоҳед дид, ҷуз "Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим" мими дигаре дар он вуҷуд надорад?

**Кадом сура бар Паёмбар (с) ду бор нозил шуда аст?**

Муфассирон муътақиданд сураи Ҳамд ду бор бар Паёмбар(с) як бор дар Макка ва бори дигар дар Мадина нозил шудааст.

**Сураҳои Ҳомидотро ном бибаред**

Сураҳое, ки бо калимаи "الحمد لله» шурӯъ мешавад "Ҳомидот" ном доранд ва шомили ин сураҳо ҳастанд. 1-сураи Ҳамд, 2-сураи Анъом, 3- сураи Каҳф, 4-сураи Сабаъ, 5-сураи Фотир.

**Мусаббиҳот ба чӣ сураҳое гуфта мешавад?**

Ба фармудаи Паёмбари Акрам(с) Мусаббиҳот шомили ин сураҳо аст: Ҳадид, Ҳашр, Саф, Ҷумуъа ва Тағобун. Сураи "Аъло" низ аз мусаббиҳот шумурда шуда аст.

Пас Мусаббиҳот шомили 6- сура аст. Оё медонед чаро ба ин сураҳо мусаббиҳот гуфта мешавад? Иллаташ ин аст, ки ин сураҳо бо калимаи "سبح" ё

“يسبح”, ки аз решаи “سبح“ гирифта шуда аст, оғоз мешавад.

**“Муаввазатайн” номи чӣ сураҳое аст ва чаро чунин ном доранд?**

Ба ду сураи охири Қуръон, яъне сураҳои шумораи 113 ва 114 Муаввазатайн гуфта мешавад.

Чунон ки медонед ин ду сура бо “ قل اعوذ“ шурӯъ мешавад ва аъузу ба маънои “паноҳ мебарам” аст ва Худованд дар ин ду сура ба Паёмбар(с) дастур медиҳад аз ҳар шар ба Худо паноҳ бибарад.

Паёмбар(с) низ ин ду сураро Муаввазатайн номида мефармояд. Оятҳое бар ман нозил шуда аст, ки монанди онҳо нозил нашуда ва онҳо Муаввазатайн, яъне ду сураи Фалақ ва Нос ҳастанд.

**Ҳавомим ба кадом сураҳо гуфта мешавад?**

Ба сураҳое, ки бо (ҳо мим) шурӯъ мешаванд, “Ҳавомим” гуфта мешаванд. Ин сураҳо аз сураи Ғофир шурӯъ мешавад ва поёни онҳо сураи Аҳқоф аст; яъне аз сураи 40 то сураи 46 Қуръон.

Имом Содиқ (а) фармуд: *Ҳавомим, райҳонаҳои Қуръон ҳастанд. Вақте онҳоро мехонед, Худоро ба хотири ҳифз ва тиловати онҳо сипос кунед. Вақте бандаи Худованд бармехезаду “Ҳавомим”-ро мехонад, аз даҳони ӯ бӯе беҳтар аз мушку анбар хориҷ мешавад ва Худованд ба тиловаткунандаи Қуръон ва ҳамсоягонаш ва дӯстонаш ва ошноёнаш ва ҳар кас, ки дӯст ва наздики ӯст, раҳм мекунад.*

**Оё дар Қуръон “ панҷ қул “ вуҷуд дорад?**

Дар Қуръон 5 сура бо “қул” шурӯъ мешаванд, ки ба онҳо “панҷ қул” ё “мақулот” гуфта мешавад. Яқинан

шумо чаҳор сура аз “панҷ қул”-ро ҳифз ҳастед, танҳо мумкин аст сураи “Ҷинро” ҳифз набошед.

Барои ёдоварӣ ман чанд калима аз аввали ҳар як аз сураҳоеро, ки бо “қул” шурӯъ мешаванд, менависам, шумо талош кунед, ки ҳамаи сурараро аз ҳифз хонда, сипас дар ҷои холӣ номи сурараро бинависед.

قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ...... (сураи......)

قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ الْفَلَقِ..... (сураи......)

قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ النَّاسِ...... (сураи......)

قُلْ يا أَيُّهَا الْكافِرُونَ...... (сураи......)

قُلْ أُوحِيَ إِلَى.......[1] (сураи......)

**Кадом сура ба номи яке аз усули дин аст?**

Аввалин асл аз усули дин чист? Номи дигари сураи “Ихлос” чист?

Ҷавоби ҳар яке аз ду пурсиши фавқ яке аст ва он, посухи саволи шумо аст.

**Кадом сура шиносномаи Худованд аст?**

Ҳамон сурае, ки хондани он савоби як севуми Қуръонро дорад. Сурае, ки яке аз усули дин аст ва ҳамон сурае, ки номи дигари он “Ихлос” аст.

**Кадом сура ду Бисмиллоҳирраҳмониррaҳим дорад? Дувумаш дар бораи чист?**

Он сураи 27 Қуръони Маҷид аст, яъне сураи “Намл” аст. Бисмиллоҳирраҳмониррaҳим-и аввали сура, монанди дигар сураҳо барои шурӯи сура аст ва Бисмиллоҳирраҳмониррaҳим-и дувуми он, сароғози номаи ҳазрати Сулаймон(а) ба маликаи Сабаъ аст.

[1] . Ҳошимзода Ҳурайсӣ, Шинохти сураҳои Қуръон , саҳ. 428 то 616

Номаи Сулаймон чунин аст:

﴿انه من سليمان و انه بسم الله الرحمن الرحيم﴾

*“Ин нома аз Сулаймон аст ва чунин аст ба номи Худованди Бахшанда ва Меҳрубон… .”*

**Чӣ сурае ба номи модари Қуръон маъруф аст?**

Модари Қуръон исме аст, ки Паёмбар (с) ба сураи Фотиҳа додааст. Он ҳазрат фармуд: *Қасам ба касе, ки ҷонам ба дасти Ӯст, Худованд на дар Таврот ва на дар Инҷил ва Забур ва на дар Қуръон, мисли ин сураро нозил накарда ва ин (сура) “Уммулкитоб” (модари Қуръон) аст.*

Сураи Ҳамд дар воқеъ, феҳресте аз ҳамаи Қуръон аст, зеро муҳимтарин баҳсҳои Қуръон иборатанд аз:

1. Худошиносӣ ва сифоти Худованд, хосса тавҳид.

2. Маод ва қиёматшиносӣ.

3. Шинохти паёмбарон(а) ва умматҳои онон.

4.Ҳидояту гумроҳӣ, ки мӯъминон ва мусулмонон ҳидоят меёбанд ва кофирон дар гумроҳӣ ҳастанд ва… .

5. Ибодати Худо ва даъват ба парастиши Худо.

6. Баёни хатарҳои роҳ; ғазабшудагон (яҳудиён) ва гумроҳон (масеҳиён)

Пас ҳамаи маорифи Қуръонро дорад.

**Қалби Қуръон кадом сура аст?**

Қалби Қуръон сураи “Ёсин” аст, ки Паёмбари Акрам(с) фармуд: *Ҳар чизе қалбе дорад ва қалби Қуръон сураи “Ёсин” аст, чунки баҳси тавҳид, нубувват ва маод (қиёмат) дар ин сура омада аст.*

Қалб дар мавҷудоти зинда нақши бисёр муҳимме дорад ва аз муҳимтарин бахшҳо ба шумор меравад. Ба ин хотир чизҳои муҳим аз ҳар маҷмӯаро қалби он маҷмӯа мегӯянд.

**Аруси Қуръон кадом сура аст?**

Сураи “Арраҳмон” ба “Аруси Қуръон маъруф” аст. Ҳатман мепурсед, ки чаро? Зеро дар забони арабӣ ба ҳар зебо ва оростае “арус” мегӯянд. Паёмбари Акрам (с) фармуд: *Ҳар чизе як арус дорад ва аруси Қуръон сураи “Арраҳмон” аст.*

Имом Содиқ(а) фармуд: *Сураи “Арраҳмон” дар қиёмат ба шакли инсони зебо ва хушбӯ зоҳир мешавад ва Худованд ба Ӯ мегӯяд: Дар дунё чӣ касоне ҳамвора туро тиловат мекарданд? Ӯ афроде, ки ин сураро мехонданд ном мебарад. Ин афрод бо шунидани номашон, чеҳраашон равшан мешавад ва ба биҳишт ворид мешаванд.*

Қуръонро кушоед ва сураи “Арраҳмон”-ро бихонед ва ба тарҷумааш диққат кунед, мебинед, ки ин сура чигуна монанди аруси зебо ва ороста аст ва кутоҳ будани оятҳо, оҳангин будани матни оят, такрори ояти “فبایّ آلاء ربکما تکذبان” ва баҳсҳои дигар ҳамагӣ боиси зебоии фавқулоддаи ин сура шуда аст.